ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 322 (575.3)**
**ТКБ: 86.38 (2Т)**
**Т–87**

**ТУРДИНАЗАРОВ АБДУЛМУМИН САИДОВИЧ**

# ОМИЛИ ИСЛОМӢ ДАР РАВАНДИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисос: 23.00.02
– Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

**Душанбе – 2022**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Искандаров Қосимшо** – доктори илмҳои таърих, саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; |
| | **Ахиева Саодат Умарбековна** – номзади илмҳои сиёси, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия «10» июни соли 2021, соати «14:00» дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон, китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) ва сомонаи расмии ДМТ (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ______________ соли 2022 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих — З.И. Акрамӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҳозира Тоҷикистон яке аз давраҳои мураккаби инкишофро аз сар мегузаронад. Тағйиротҳои аввали солҳои 90–уми асри XX дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дигаргуниҳои куллиро ворид намуданд. Яке аз чунин падидаҳо ва зуҳуроте, ки дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар ба вуҷуд омад, раванди эҳёи динӣ маҳсуб меёфт. Моҳиятан ин раванд як зумра нишондодҳо ва унсурҳои махсусеро дар замири худ ифода менамуд. Махсусан, аз лиҳози вақту замон дар камтарин фурсат ва бо суръати баланд афзоиш ёфтани шумораи эътиқодмандон, дар шуури ҷамъиятӣ эътибори хоса пайдо намудани созмонҳо ва иттиҳодияҳои динӣ, зуҳури ҳаракату ҷараёнҳои ҳизбию динӣ дар асоси рӯовариҳои арзишии мухталиф аз зуҳур ва ташаккули падидаи бо ном «омили исломӣ» дарак медоданд.

Омӯзиши моҳияти раванди эҳёи динӣ имконият медиҳад, ки аҳамияти падидаи «омили исломӣ» ҳарчи беҳтару возеҳтар фаҳмида шавад. Ҷанбаҳои мусбату манфии он мушаххас гардонида шаванд ва барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври самаранок истифода гарданд. Ҳолати мазкур на танҳо дорои аҳамияти илмию назариявӣ аст, балки бештар хосияти таҷрибавию амалӣ ва сиёсию ҷамъиятии онро низ рӯзмарра мегардонад.

Бисёре аз муҳаққиқон ба ин назаранд, ки таҳқиқи мақом ва нақши дин дар ҷомеаи муосир дар асоси методи таърихӣ, ба назар гирифтани шароити замону макон ва муносибати объективро тақозо менамояд. Чунин тарзи муносибат имконият медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ дар асоси дарку шинохт ва пазируфтани воқеияти объективию инкорнопазир анҷом дода шаванд. Гарчанде ки дар замони ҳозира дин ба баъзе муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, аммо он ҳамчун зербино ва муайянкунандаи кулли муносибатҳои дигари ҷамъиятӣ маҳсуб намеёбад. Аз ин хотир, дар ҷомеа ба он мақоми гуногунро сазовор дониста, ҳар сатҳе аз муносибатҳоро пеша менамоянд. Ҳолати мазкур зимни омӯзиши мақом ва нақши омили исломӣ дар шароити феълии Тоҷикистон низ аз ин қоида истисно нест.

Вобаста ба чунин ҳолат қисме аз муҳаққиқон қайд менамоянд, ки набояд дар бораи эҳёи исломӣ, балки дар бораи эҳё шудани ҷараёни «исломизм» – ҳамчун идеологияи табақаи мусулмонони таҳсилдида ва зиёиён ҳарф зад, зеро ки худи ислом ба ҳайси дини ҷаҳонӣ ҳеҷ гоҳ гирифтори таназзул нагардидаю аз байн нарафтаст. Аз ин лиҳоз, он эҳтиёҷе барои аз нав эҳё гардидан надорад. Эҳё шудан ва ё аниқтараш фаъол шудани унсурҳое, ки ба раванди мазкур алоқамандӣ доранд, маҳз он унсурҳои таркибии онро бояд дар мадди назар қарор дод. Умуман, раванди мазкур падида ва зуҳуроти ҷамъиятӣ буда, алоқамандии мустақим ба он тағйирот ва дигаргуниҳое дорад, ки дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва динию маънавии Тоҷикистони муосир ба вуҷуд омадаанд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба зарурати дарки воқеияти ислом раванди таҳқиқот тақозо менамояд, ки на танҳо вазъи имрӯзаи он, балки

алоқамандии он бо равандҳои таърихӣ ва падидаю ҳодисаҳои дигари олам мавриди омӯзиши амиқтар қарор гиранд.

Дар давоми асрҳои XX–XXI таваҷҷуҳи ҷомеа ва гурӯҳҳои олимону муҳаққиқон ба омӯзиши падидаю ҳодисаҳои марбути ислом, пайваста дар ҳолати афзоиш қарор дорад. Баъзе дигар гурӯҳҳе аз муҳаққиқон бошанд чунин масъалагузорӣ менамоянд, ки дар ҷомеаи имрӯза барои ташаккули шахсияти инсон афзал донистани андеша, афкор ва маърифату фарҳанги динӣ, ҷаҳонбинӣ ва мақоми он дар таркиботи ҷомеа ва умуман худи дин то куҷо метавонад мақому нақш ва зарурати бунёдӣ дошта бошад. Зуд посух гардонидан ба ин тарзи гузориши масъала низ чандон кори осоне нест.

Ба ғайр аз аҳамияти илмию назариявии масъалаи диссертатсион он бештар хосияти амалӣ низ дорад. Натиҷаҳои онро метавон ҳангоми таҳлилу коркарди дурнамои инкишофи стратегии сиёсати дохилию хориҷии Тоҷикистон дар муносибат бо ислом ва бо назардошти манфиатҳои миллӣ истифода кард.

Ҳолати таҳқиқу омӯзиш ва таҳияю банақшагирии масъалаи таъсиррасонӣ, паёмад ва дурнамои омили исломӣ дар раванди ташаккули низоми давлатдории навини Тоҷикистон баҳогузории яксону объективӣ сурат нагирифтааст. Аз ҷониби дигар, муҳаққиқон дар муайян намудани мавқеъ ва мавзеъгирии хеш вобаста ба таҳқиқи масъала, дар аксари мавридҳо зери таъсири омилҳои зиёди объективию субъективӣ монда, омӯзиши масъаларо мураккабу сарбаста мегардонанд. Дар асоси чунин вазъият қисмати зиёди ҷанбаҳои асосию бунёдии он аз назари пажӯҳишу таҳқиқ дур мемонанд, ё камтар ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мегардад.

Вобаста ба чунин ҳолат тағйироту дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва вазъи сиёсии кишварро аз нав дида баромада, ба он баҳои объективӣ додан лозим аст. Ба иҷро расониданаи амали мазкур ба он хотир муҳим аст, ки сатҳи таъсиррасонии «омили исломӣ» ва то чӣ андоза “хатарнок” будани тамоюлҳои рушди ҳаёти динӣ, ки дар шароити кунунӣ мо бо он рӯбарӯ ҳастем, муайян карда шавад. Худи мафҳуми «омил» (дар Энсиклопедияи советӣ) қувваи пешбарандаи ҳамон ҷараёну равандеро ифода намуда, ҳамзамон характер ва ё хусусиятҳои зотию фитрии онро низ муайян менамояд. «Омили исломӣ» ҳамчун фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятноки субъектҳои исломӣ маҳсуб мегардад, ки агар дар воқеъ онҳо ба ҷомеа таъсир дошта бошанд. Бояд ба назар гирифт, ки омили исломӣ ҳам бахше аз сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷкистон маҳсуб гашта ва ҳам дар сиёсати дохилии Тоҷикистон вуҷуд дорад. Дарку фаҳми он чандон кори осон нест, аммо шинохти он муҳим ва зарурӣ аст. Аз ин лиҳоз, зарурати шадиди ҳам илм ва ҳам ҷомеа ба донишҳои нави муосир дар бораи таъсири омили исломӣ ба рушди давлат ва муносибатҳои иҷтимоии Тоҷикистони навин равшанаст. Таҳлили илмии ҳамкории муосири давлат ва дин аҳамияти муҳим пайдо намудааст. Бо таваҷҷуҳ ба воқеияти сиёсии ҷаҳони имрӯза ва бар асоси таҳлили вазъи Тоҷикистон зарур аст, ки тамоюли рушди ислом, ки дар

ояндаи дуру наздик ба кадом самту сӯ хоҳад рафт, мушаххасан муайян карда шавад.

Ҳамин тавр, муҳимтарин ҷанбаи мураккабӣ ва мушкилии омӯзиши мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки дар давоми солҳои охир дар мураккабгардонӣ ва печидатар кардани раванду ҷараёни динӣ, сиёсатмадорону ходимон ва мақомоти махсусу гуногуни ҷамъиятию давлатии кишварҳои мухталифи олам саҳми беандоза доранд. Доираҳо ва гурӯҳҳои сиёсии кишварҳо барои расидан ба ҳадафҳо, ҳимояи мақоми ҷамъиятӣ ва манфиатҳои маҳдуди гурӯҳии хеш ба таври фаъол аз ислом истифода намуда, аз он ҳамчун воситаи таҳдиду фишороварӣ ва таъсиррасонӣ истифода мебаранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Барои беҳтар нишон додани дараҷаи омӯзиши таъсири падидаи мураккаби бо номи «омили исломӣ» вобаста ба сатҳи коркард ва муносибати касбӣ зарур аст, ки ба осори илмӣмуроҷиат гардад. Тамоми осор ва адабиёти илмии вобаста ба мавзуи таҳқиқотро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан арзанда аст.

**Гурӯҳи аввалро** адабиёт ва асарҳои илмие ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи таҳлилу хулосагириҳо дар бораи сатҳи рушди донишҳои назариявӣ ба сифати манбаи бунёдӣ ва заминаи асосии муносибат, баромад менамоянд.[1]

Аз назари сохтори таркибӣ муҳимтарин осори илмие мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки хосияти умуминазариявӣ доранд ва онҳо тавонистаанд дар муқоисаю таҳлил намудани масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёти сиёсии Тоҷикистон мусоидат намоянд. Ҳамчунин, дар муайяну мушаххас намудани сатҳи методологии таҳқиқот ва самти омӯзиши масъалаҳои мураккаби диссертатсия бевосита кӯмак намуданд.

**Ба гурӯҳи дуюм** адабиёт ва асарҳои илмие ворид мегарданд, ки ҷанбаи методологӣ, манбаъвӣ, санадӣ ва бурҳонии диссертатсия аз натиҷаи таҳқиқотҳои илмии сиёсатшиносону муҳаққиқони шинохтаи соҳа Ю.М.

[1]Ниг.: Алов, А.А., Владимиров, Н.Г. Ислам в России [Текст] / А.А. Алов, Н.Г. Владимиров. – М., 1996. – 122 с.; Долгов, Б.В. Арабский мир в начале XXI в.: между демократией и исламизмом [Текст] / Б.В. Долгов // Восток. – 2009. – № 5. – С. 89–100; Жданов, Н.В. Исламская концепция миропорядка [Текст] / Н.В. Жданов. – М., 2003. – 349 с.; Журавлев, К.В., Мелькав, С.А., Шершнев, Л.И. Путь воинов Аллаха. Ислам и политика России [Текст] / К.В. Журавлев, С.А. Мелькав, Л.И. Шершнев, – М., 2004. – 384 с.; Игнатенко, А. Ислам и политика [Текст] / А. Игнатенко. – М., 2004. – 417 с.; Ислам и мусульмане в России / Совет муфтиев России. Моск. высш. духов. ислам. колледж; [Текст] / Под общ. ред. М.Ф. Муртазина, А.А. Нуруллаева. – М.: КДТ, 1999. – 219 с.; Иордан, М.В., Кузеев, Р.Г., Червонная, С.М. Ислам в Евразии: современные этические и эстетические концепции суннитского ислама, их трансформация в массовом сознании и выражение в искусстве мусульманских народов России [Текст] / М.В. Иордан, Р.Г. Кузеев, С.М. Червонная – М., 2001. – 516 с.; Кучер, О.Н., Семотюк О.П. Ислам [Текст] / О.Н. Кучер, О.П. Семотюк. – Ростов н/Д. – Харьков, 2004. – 284 с.; Мухаметшин, Ф.М. Ислам в современном российском обществе [Текст] / Ф.М. Мухаметшин // Мусульмане изменяющейся России [Текст] / – М., 2002. – 236 с.

Кобишанов, Р.Г. Ланда, Л.Р. Сюкияйнен[1] ва дигарон ба таври васеъ истифода гардидааст. Аммо онҳо ба таври бавосита танҳо ба доираи хурди масъалаҳо дахл намудаанд.

**Гурӯҳи сеюми** асарҳоро ҳолату вазъияти муосири ислом, махсусан, омили исломӣ ва ҷараёнҳои эҳёгароӣ ташкил медиҳанд, ки объекти омӯзиши як қатор рисолаҳои илмӣ қарор гирифтаанд. Ҷойгоҳ ва нақши ислом дар ҷаҳони муосир, афзалиятҳои рушди он аз ҷониби муҳаққиқон, ба монанди Р.Г. Абдулатипов, Л.А. Баширов, А. Малашенко[2] ва дигарон мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ин доираи таҳқиқотҳо, асосан ба таври васеъ ба таҳлили масъалаҳои умумии мақом ва нақши ислом рӯ оварда, ба таври мустақим ба падидаи омили исломӣ, сатҳи таъсиррасонии он ба сиёсат, чигунагии истифода шудани он дар сиёсат ва таъсири мутақобилаи он ба дигар ҳодисаҳою равандҳои ҷомеаро хулосагирӣ намудаанд.

**Гурӯҳи чоруми** адабиёти таҳақиқотӣ муҳимтарин ҷанбаҳои назариявии масъалаҳои омӯзиши ислом ва ҷаҳони ислом, ҳамчунон, мақом ва таъсири он ба самтгирии равандҳои сиёсии олами муосир дар осори илмии муҳаққиқони Нимкураи ғарбӣ, ба мисли А. Бенигсен, Д. Букой, А. Рауф, Х. Ҳанафӣ, А. Филали–Ансорӣ, М. Олбрайт, А. Холид[3] ва дигарон баён гардидаанд.

---

[1] Ниг.: Кобищанов, Ю.М. История распространения ислама в Африке [Текст] / Ю.М. Кобащинов. – М., 1987. – 227 с.; Боз вай. Мусульмане России, коренные российские мусульмане и русские–мусульмане [Текст] / Ю.М. Кобащинов // Мусульмане изменяющейся России. – М., 2002. – С. 61 – 105; Ланда, Р.Г. Политический ислам: предварительные итоги [Текст] / Р.Г. Ланда. – М., 2005. – 268 с.; Сюкияйнен, Л.Р. Ислам на постсоветском пространстве: взгляд изнутри [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен. – М., 2001. – 130 с.; Боз вай. Исламская правовая мысль о глобализации и перспективах политического реформирования мусульманского мира [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен // Ислам в XXI веке. Полития. №4 (47) [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен. – М., 2007. – С. 76 – 89**;** Боз вай. Ислам против ислама: Об исламской альтернативе экстремизму и терроризму [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен // Центральная Азия и Кавказ. – 2002, – №3. – С. 86 – 89; Боз вай. Современная исламская правовая мысль о халифате и гражданском государстве с исламской ориентацией [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен // Северо–Кавказский юридический вестник. – 2016. – № 2. – С. 7–19.

[2] Ниг.: Абдулатипов, Р.Г. Судьбы ислама в Россия: история и перспективы [Текст] / Р.Г. Абдулатипов. – М.: Мысль, 2002. – 317 с.; Баширов, Л.А. Ислам и этнополитические процессы в современной России: точка зрения [Текст] / Л.А. Баширов. – М., 2000. – 243 с.; Малашенко, А. Исламское возрождение в современной России [Текст] / А. Малашенко. – М., 1998. – 118 с.

[3] Ниг.: Бенигсен, А. Мусульмане в СССР [Текст] / А.Бенигсен // Россия и Татарстан: проблемы асимметричных отношений – 1995, – №2 – С. 80–91; Bukay, D. Total Terrorism in the Name of Allah: The Emergence of the New Islamic Fundamentalists [Text] / D. Bukay. // [Манбаи электронӣ]. – Режими дастрас: URL: http://www. acpr.org.il/ENGLISH–NATIV/05–issue/bukay–5.htm (санаи муроҷиат: 12.08.2016); The origin of modern Conservatism and islamic fundamentalism II Islamie Dilemmas: Reformers, nationalists and industrialization. 1985. – P. 94 – 103; Rauf, A. Islam in Russia [Text] / A. Rauf. // [Манбаи электронӣ]. – Режими дастрас: URL: http://www.Themodern religion. com/convert/ russia.html (санаи муроҷиат: 26.03.2010); Filali–Ansary A. L'islam et la democratic // Le Nouvel Observaleur. Avril. 2005; Олбрайт М. Религия и мировая политика. – М.; 2007; Халид, А. Ислам после коммунизма: религия и политика в Центральной Азии [Текст] / А. Халид. / пер. с англ. А.Б. Богдановой. – М.: Новое литературное обозрение, 2010. – 304 с.

**Гурӯҳи панҷумро** осори илмие ташкил медиҳад, ки дар омӯзиши масъалаҳои фундаметалию бунёдии вазъи муосири дин ва махсусиятҳои тафаккури динию сиёсии исломӣ азнамояндгони ҷаҳони ислом ба мисли М. Иқбол, С.А.А. Маудуди, М. Мутаҳҳарӣ, Р. Ҳумайнӣ, Ю. Қарзовӣ[1] ва дигарон ташкил медиҳанд. Онҳо ба таври умумӣ ба таҳлили масъалаҳои алоқамандӣ, рақобатпазирӣ ва таъсиррасонии исломро бо давлатҳои ғарбӣ, муносибатҳои мутақобилаи онро бо ҷомеаи маданӣ ва чигунагии тавсифи мавқеи исломро дар низоми байналхалқӣ таҳти шароити кӯшишҳо ва икдомҳои бунёди ҷаҳони яккутба андешаҳо баён намудаанд. Қобили тазаккур аст, ки ашхоси мазкур аз ҷониби бисёре аз доираҳои илмӣ ва қонунгузории кишварҳои мухталифи олам ҳамчун бунёдгузорони ҷараёну тафаккури ифротию канора ва намояндагони “исломи бунёдгаро” шинохта шудаанд. Аммо омӯзиши осори фикрии онҳо имконият медиҳад, то аз мавқеъгирии онҳо нисбати ислом огоҳӣ пайдо намуда, аз сатҳу шиддати таъсири манфию нолозими ҷараёнҳои бунёдгарёнаро вобаста ба шароити Тоҷикистон ҷилавгирӣ карда тавонем.

**Гурӯҳи шашумро** асарҳои илмию назариявии муҳаққиқоне ташкил медиҳанд, ки асосан ҷанбаҳои бисёр зариф ва нозуки масъалаҳои муносибатҳои мутақобилаи давлату дин, иштироки ислом дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба воситаи таъсиси ҷараёну ҳаракатҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ин ҷо метавон саҳми муҳаққиқонеро, ба мисли А. Верховский, С. Градировский, Я.И. Здоровес, С. Иваненко, З.И. Левин, А.А. Мухин, Ф.М. Мухаметшин, Е.М. Примаков, С. Сафронов[2] ва аз дигарон ёдовар гардид.

---

[1] Ниг.: Иқбол, М. Эҳёи фикри динӣ дар ислом [Матн] / М. Иқбол. – Душанбе, 2010. – 268 с.; Карзови, Ю. Кудс мечта каждого мусульманина [Текст] / Ю. Карзови. – Душанбе, 2008; Маудуди, С.А.А. Политическая теория ислама [Текст] / С. А. А. Маудуди. // Отечественные записки. 2003, №5 – Sayyid [Sayed] Abul A‘la Maudidi. Political Theory of Islam [Text] / S.A.A. Maudidi. – Lahore: Islamic Publications Limited, 1976. – P. 4–22; Мутаххари, Ю.М. Исламские движения в последние столетия [Текст] / Ю. М. Мутаххари. – Тегеран: Садро, 1998. – 363 с.; Хомейни, И. Р. Столпы исламского государства [Текст] / И.Р. Хомаейни. // Отечественные записки. 2003, №5. – С. 75.

[2]Ниг.: Верховский, А. Власть и религия в современной России [Текст] / А. Верховский. // Свободная мысль XXI. 2004. – №4. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://www.sova–center.ru/religion/publications/2005/04/d4420/ (дата обращения: 18.04.2011); Градировский, С. Русский ислам [Текст] / С. Градировский. // Эксперт. – 2003. – № 6. – С. 56; Здоровец, Я.И., Мухин, А.А. Конфессии и секты в России [Текст] / Я.И. Здоровец, А.А. Мухин – М.: ЦПИ, 2005. – 285 с.; Иваненко, С., Щегорцов, А. Ислам в России [Текст] / С. Иваненко, А. Щегорцов. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://russia–today.ru/2001/no10/10dossier.htm (дата обращения: 21.03.2013); Левин, З.И. Ислам в арабских странах: неотрадиционализм и возрожденчество (вторая половина XX в.) [Текст] / З.И. Левин. // Зарубежный Восток: религиозные традиции и современность. – М., 1983. – 240 с.; Примаков, Е.М. Россия не противодействует исламу [Текст] / Е.М. Примаков. // Независимая газеты. 1996. 3 марта; Мухаметшин Ф.М. Ислам в современном российском обществе. // Мусульмане изменяющейся России. М., 2002; Сафронов С. Ислам в политической жизни России 1999 –

**Гурӯҳи ҳафтумро** асарҳои муҳаққиқон ва сиёсатмадорони тоҷик ташкил медиҳанд, ки дар омӯзиши масъалаи мақом ва нақши ислом ва таъсири омили исломӣ ба соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ ва кишварҳои дигари осиёӣ бахшида шудаанд. Дар осори илмии Ш. Абдуллоев[1] исломи муосир ва мақоми он дар фазои сиёсӣ ва идеологии кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

М. Давлатов[2] дар осори худ оид ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тарҳҳои миллию динии рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ изҳори назар менамояд.

Профессор Г.Н. Зокиров[3] доир ба масъалаҳои мухталифи омили исломӣ дар асарҳои мухталифи хеш ба таври муттасил ва муфассал андашаронӣ намуда, ҷанбаҳои гуногуни онро мавриди таҳқиқи хоса қарор додааст.

Г. Мирзоев[4] мақоми исломро дар раванди рушди таърихӣ ва ҷомеаи муосири Тоҷкистон мавриди таҳлил ва хулосабарориҳо қарор додааст.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон К. Олимов, М. Олимов, С. Олимова, А. Раҳнамо, С.С. Сафаров, Ф. Умаров, С.И. Шарипов, А.А. Шамолов, С.С.

---

начала 2000 г. [Текст] / С. Сафронов. // Регионы России в 1999 г.: Ежегодное приложение к «Политическому альманаху России» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.carnegie.ru/ru/print/36554–print.htm. (дата обращения: 12.04.2012)

[1]Ниг.: Абдуллоев, Ш. Современный ислам в сфере политики и идеологии [Текст] / Ш.Абдуллоев. – Душанбе 1990. – 151 с.

[2]Ниг.: Давлатов, М. Деидеологизация советского и религиозного начал в политических противоречиях Таджикистан [Текст] / М. Давлатов. // Построение доверия между исламистами и секуляристами – таджикский эксперимент. – Душанбе, 2004. – С. 139–160. Бозвай. Национальные интересы Таджикистана и исламские проекты / Динамика развития национальных и религиозных проектов в центральной Азии [Текст] / М. Давлатов. – Душанбе, 2006. – С. 26–28.

[3]Ниг.: Зокиров, Г.Н. Терроризм [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2004. – 86 с.; Боз вай. Истиқлолияти сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2006. – 157 с.; Боз вай. Идеологияи сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2008. – 350 с.; Боз вай. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2011. – 350 с.; Боз вай. Донишномаи сиёсӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷ. 1,2,3. [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2015; Боз вай. «Хуросони Бузург» [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2021. – 160 с.

[4]Ниг.: Мирзоев, Г. Особенности религиозного сознания в процессе развития современного Таджикистана [Текст] / Г. Мирзоев. // Влияние общественного мнения на реализацию прав человека и развитие демократии в современном мире. – Душанбе, 1997. – С. 62–64; Боз вай. Ислам в контексте общественного сознания таджиков (история и современность) [Текст]: автореф. дис... кан. пол. наук. 23.00.02. / Г.Д. Мирзоев. – Душанбе, 2009.

Ятимов[1] ва дигарон масъалаҳои мухталифи омили исломиро дар марҳилаҳо, даварахо ва паҳлулҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд, қобили тазаккуранд.

**Робитаи кор бо барномаҳо, (лоиҳаҳо), мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи “Омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир” барои солҳои 2016–2020 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Объекти таҳқиқотро** ташаккули мақом ва сатҳи таъсиррасонии омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони навин ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** фарогири масъалаҳои назариявию амалии омили исломӣ хусусиятҳои муҳимми зуҳур ва ташаккули он дар шароити Тоҷикистони муосир мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалисозии мақсади асосӣ ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зерин аҳамияти зарурӣ пайдо менамоянд:

– муайян намудани зарурати таҳқиқу таҳлили асосҳои назариявию методологии мақоми ислом дар раванди сиёсӣ;

– омӯзиш ва таҳлили сохторию таркиботии омили исломӣ, моҳият, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии он дар раванди сиёсӣ;

– таҳлили асосҳои сиёсии мазмун ва мундариҷаи исломи сиёсӣ ва мухолифатҳои гуногуни он бо падидаю ҳодисаҳои раванди сиёсӣ;

– муайян намудани махсусиятҳои зуҳури исломи сиёсӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистон;

---

[1]Ниг.: Олимов, К. Диалектика светского и религиозного мировоззрения в условиях построения национального государства / Построение доверия между исламистами и секуляристами – таджикский эксперимент [Текст] / К. Олимов. – Душанбе, 2004; Олимов, М., Олимова, С. Политический ислам в современном Таджикистане / Ислам на постсоветском пространстве: взгляд изнутри [Текст] / М. Олимов, С. Олимова. / Под об. ред. А. Малашенко и М.Б. Олкотт. Моск. Центр Карнеги. – М., 2001. – С. 185–204; Раҳнамо, А. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ (масъалаҳои фаъолияти ҳизби дорои хосияти динидошта дар шароити давлати дунявӣ) [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе, 2008. – 226 с.; Сафаров, С. Национальная государственность и религия в современном Таджикистане / Государство и религия: поиск путей продолжения диалога [Текст] / С. Сафаров. – Душанбе, 2005. – С. 72–83; Сафаров, С. Глобализация ислама: проблемы, противоречия и перспективы [Текст] / С. Сафаров. // Внешняя политика. №1. – Душанбе, 2013. – С. 87–95; Умаров, Ф. Таджикистан и исламский мир: особенности сотрудничества (монография) [Текст] / Ф. Умаров. – Душанбе, 2011. – 184 с.; Шарипов, С.И. Перспектива развития и проблемы мусульманского мира [Текст] / С.И. Шарипов. // Таджикистан и современный мир. №2(15). – Душанбе, 2007. – С. 25–27; Шамолов, А.А. Религия в системе социально–политических отношений в Республике Таджикистан / Динамика развития национальных и религиозных проектов в Центральной Азии [Текст] / А.А. Шамолов, – Душанбе, 2006. – С. 88–94; Ятимов, С.С. Общественное сознание и общественная безопасность [Текст] / С.С. Ятимов. // Таджикистан и современный мир. – 2017. – №2(57). – С. 24–37.

– ба воситаи методҳои умуминазариявӣ таҳлилу таҳқиқи сатҳи муносибати мутақобилаи давлату ҷомеа ва ислом, ташкилоти динию мазҳабӣ ва мақоми онҳо дар раванди сиёсӣ бо назардошти воқеиятҳои умумии ҷаҳони муосир;

– муайян намудани чигунагии сатҳу сифати иштироки ташкилоти сиёсию динӣ дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеаи тоҷикистонӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар заминаи фарзияи таҳқиқоти илмӣ андешаи муаллиф оид ба мақом ва ташаккули омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир, ки метавонад инкишофи равандҳои дигари сиёсии кишварро зери таъсири худ гузошта, дар таҳкими муносибатҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ ҳам нақши мусбат ва ё манфиро ба иҷро расонад. Тамоюли раванди омили исломӣ дар Тоҷикистон аз ҳар минтақа ва кишварҳои дигар тафовут дорад. Сохторҳои ҳукуматӣ ва институтҳои дар бораи мақом ва нақши омили исломӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ тасаввуроти дурусту воқеӣ доранд. Вале раванду падидаҳои ҳаёти сиёсӣ ва ҷаҳони муосир дар ҳолати зудтағйирёбандагӣ қарор дошта, мумкин аст, ки моҳияти аслии баъзе падидаҳои мураккаби имрӯза дуруст ва саривақт дарк нагарданд. Дар ин замина давлат ва мақомоти асосии он, ҳамчунин, институтҳои дигари ҳаёти ҷамъиятиро зарур аст, ки ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини рушди мавзуну босуботи кишвар ба падидаи мазкур муносибати воқеъбинона, дуруст ва мантиқию илмиро ба он ихтиёр намоянд. Ҳамин тавр, рушди мавзуну босуботи давалти миллии муосири Тоҷикистон ва таҳкими низоми демократию ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ аз чигунагии тарзи муносибат ба омили мазкур вобастагии амиқу ҷиддӣ дорад.

**Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои сиёсӣ, муҳаққиқони барҷастаи Ғарб, рус, тоҷик ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯоварӣ намудаанд, такя намудааст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми омӯзиши минбаъдаи масъала истифода намуд. Он дар раванди таҳлил ва хулосагириҳои пажӯҳиши масъалаҳои мақом ва нақши ислом дар фазои сиёсии ҷомеа, баҳамтаъсиррасонии вазъияти сиёсӣ ва фаъолияти иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои динӣ, ҳангоми таҳияи такмили стратегия ва консепсияи сиёсати давлатӣ дар мавриди дин ба сифати манбаи зарурӣ истифода мегардад. Инчунин, хулосаҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд дар оянда ба сифати асоси бунёдии ҳам заминаҳои назариявӣ ва ҳам амалию муқоисавии таҳқиқи бисёре аз масъалаҳои таъсиррасонии омили исломӣ ба рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистон баромад намоянд.

Дар зимни ин метавон маводҳои диссертатсияро дар таълими фанҳои “Сиёсатшиносӣ”, “Моҷарошиносӣ”, “Манфиатҳои миллии Тоҷикистон”, “Равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ”, “Геополитика” ба сифтаи таълими курси махсус, хосатан курсҳои исломшиносӣ ва дар омӯзиши мавзуҳои рӯзмарраи чун

терроризм ва экстремизм ва ҳамчунин дар марказҳои таҳқиқотию оянданигарӣ ва полемологӣ истифода намуд.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот.** Заминаҳои методологии таҳқиқотро маҷмуи методҳои умумиилмӣ, ба монанди системанокӣ, объективият, мушаххасият, муқоисавию таърихӣ ва сотсиокултурологӣ ташкил менамоянд. Ҳамчунин, дар раванди таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба омили исломӣ истифода аз методҳои таҳлилию усулҳои консептуалӣ ва муносибати комплексию ғоявӣ мусоидат намуданд. Барои ба иҷро расонидани мақсадҳо ва ҳадафҳои таҳқиқотӣ ва муайян намудани мақом ва нақши ислом дар шароити мухталифи замонӣ аз методҳои синергетикӣ, таркиботию функсионалӣ ва муқоисавӣ ба таври васеъ истифода намудем.

Гуногунсамтӣ ва пурмазмунии масъалаҳо, ки дар раванди таҳқиқот аз худ дарак медоданд зарурати муносибати эмперикӣ, таҳлили сохторӣ ва умумигардонии назарияро металабиданд. Дар раванди омӯзиш аз методи мушоҳидаи бевоситаи ҳодисаҳои дохилӣ ва хориҷӣ, таҳлили сиёсии омили исломӣ дар рушди ҷараёнҳои ҷомеаи муосир ба таври самаранок истифода гардидаанд.

Ҳангоми таҳқиқу таҳлили мавзуъ масъалаи тавсифи мафҳумҳо ва категорияҳое, ки бо маънӣ ва мазмуни мухталиф тавсифу тафсир гаштаанд, таваҷҷуҳи махсусро талаб намудаанд.

Ҳамин тавр, асосҳои методологӣ дар худ синтези муносибатҳои мухталифи илмиро ифода менамоянд, ки ба таҳлили сиёсии маводҳо мусодиат намуда, дар муайян намудани мақом ва нақши омили исломӣ дар шароити Тоҷикистон саҳми асосӣ гирифтаанд.

**Пойгоҳи сарчашмавии мавзуъ.** Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ ва кушодани ҷанбаҳои асосию калидии он муаллиф аз сарчашма ва манбаъҳои мавҷуда низ васеъ истифода кардааст, ки онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

**Ба гурӯҳи якум** ҳуҷҷатҳои сиёсӣ, санаду эъломия ва муоҳидаҳои байналмиллаӣ ба мисли: «Эъломияи ҳуқуқи башар», «Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ», «Декларатсия дар бораи барҳам додани ҳар навъи таҳамулнопазирӣ ва таъбиз дар асоси боварҳои динӣ ва ақида», «Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ», Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санаду меъёрҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ[1], ки ба ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсон ва масъалаҳои эътиқодӣ дахл доранд, ворид мегарданд.

---

[1]Ниг.: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. СММ. Тоҷикистон [Матн]. – 1999. Моддаи 18–20; Международный пакт о гражданских и политических правах (принят резолюцией 2200А (XXI) [Текст]. – Генеральной ассамблеи ООН 16 декабря 1966 года); Декларация об искоренении всех форм нетерпимости и дискриминации на основе религии и убеждений [Текст]. – Генеральная ассамблея ООН, 25 ноября 1981 г., UN Doc. A/RES/36/55; Конвенция Совета Европы о защите прав человека и основных свобод, вступила в силу 3 сентября [Текст]. – 1953; Международная

**Гурӯҳи дуюми** сарчашмаҳоро масъалаҳои мухталифи ислом ва исломигароӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, ҳифзи симои маънавии дини ислом ва мазҳаби ҳанафӣ, тарғибу ташвиқи арзишҳои миллӣ, худшиносӣ ва фарҳанги миллӣ, таҳкими давлатдории миллӣ ва амсоли инҳо ташкил медиҳанд, ки дар асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[1] мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтаанд.

**Ба гурӯҳи сеюм** осори илмии он зумра муҳаққиқон ворид мегардад, ки падидаи мураккабаеро ба мисли масъалаи баҳамтаъсиррасонии иҷтимоиву сиёсии ислом ва ҳокимият, иттиҳодияҳои динӣ ва ҷомеа ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифта, сатҳи ба ҳамтаъсиррасонии онҳо ба таври объективӣ баҳогузорӣ гардад.[2] Ҳамзамон, бо назардошти аҳамияти назариявю методологии ин зумра таҳқиқотҳо дар аксарияти онҳо консепсияи муайяни назариявиро оид ба омили исломӣ дар шароити Тоҷикистони муосир наметавон пайдо намуд. Гарчанде ки таҳқиқотҳои назариявие ҳам вуҷуд доранд, вале аксарияти онҳо дар сатҳи умумӣ баён гашта, аз назари санадоварию далеловарии сиёсӣ чандон қавӣ нестанд.

---

конвенция о правах ребенка [Текст]. – (принятая Резолюцией 44/25 Генеральной Ассамблеи ООН 20 ноября 1989 г.); Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2017. – С. 2; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ [Матн] // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – с. 2009, №3, мод. 82; с. 2011, №6, мод. 450; ҚонуниҶТ аз 02.01.2018 с., №1497); Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин [Матн]. – [Манбаи электронӣ]. – Режими дастрас: URL:http://www,base.mmk.tj/view_ sanadhoview.php?showdetal =&sandalD=582 (санаи муроҷиат: 25.11.2019)

[1]Ниг.: Рахмонов, Э. Таджики в зеркале истории [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе, 1999. – 131 с.; Боз вай. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2002–2016. Т. 1,5,6,11,12; Боз вай. О религии [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе, 2006; Боз вай. Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам: асари илмӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 368 с.; Боз вай. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2012. – 132 с.; Боз вай. О времени и о себе [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе, 2015. – 232 с.; Боз вай. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2018. – 305 с.

[2]Ниг.: Донцов, В.Е. Современные исламские движения и организации на Ближнем Востоке в системе международных отношений [Текст] / В.Е. Донцов. – М.: Дипломатическая академия МИД РФ, Ин–т актуальных межд. проблем, 2001. – 213 с.; Игнатенко, А.А. Политика государственного терроризма и исламские неправительственные религиозно–политические организации на Ближнем Востоке [Текст] / А.А. Игнатенко. – М., 1987. – 192 с.; Боз вай. Халифы без халифата. Исламские неправительственные религиозно–политические организации на Ближнем Востоке: история, идеология, деятельность [Текст] / А.А. Игнатенко. – М., 1988. – 231 с.; Левин, З.И. Ислам в лабиринте понятий [Текст] / З.И. Левин // Россия и мусульманский мир: сб. тр. 2000. – №2. – С. 14–21; Боз вай. Развитие арабской общественной мысли [Текст] / З.И. Левин. – М., 1984. – 250 с.; Медведко Л. И., Германович, А.В. Именем Аллаха Политизация ислама и исламизация политики [Текст] / А.В. Германович. – М., 1988. – 170 с.; Микульский, Д.В. Актуальные проблемы современной мусульманской общественной мысли [Текст] / Д.В. Микульский. – М., 1990. – 189 с.; Тешн Ю. Л., Филоник А. О. Исламский экстремизм в Египте (70–е годы) [Текст] / Ю.Л. Тешн, А.О. Филоник. // Ислам: проблемы идеологии, права политики и экономики: сб. тр. – М., 1985. – С. 65–75.

**Гурӯҳи чоруми** манбаъҳоро маводи оморӣ ва иттилоотӣ, нашрияҳои даврӣ, сомонаҳои расмӣ, муассисаҳои давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, сомонаҳои иттилоотии ба мавзуи диссертатсия алоқаманд ташкил медиҳанд. Сарчашмаҳои мазкур хислати даврӣ ва рӯзмарра дошта, дар онҳо ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳо ва таҳлили тамоюли эҳёи исломӣ, омили исломӣ ва ҳамчунин инкишофи ҷараёнҳои фундаменталӣ ба таври кофӣ инъикос ёфтаанд. Дар робита ба ин масъала маводҳои матбуоти даврӣ низ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд[1].

Дар маҷмуъ, таҳлил ва баррасии мавзуи диссертатсионӣ имконият медиҳад, ки дар бораи зуҳури масъалаи омили исломӣ дар фазои дохилӣ ва хориҷии сиёсии Тоҷикистон, таъсири он ба давлат ва ҷомеа, ҷанбаҳои алоҳидаи он то ба имрӯз, аллакай аз ҷониби зумрае аз муҳаққиқон мавриди таҳқиқу баррасиҳо қарор гирифтаанд. Як қатор таҳқиқотҳои консептуалӣ ва ҳамчунин, дар доираҳои илмӣ ба таври васеъ метавон маводҳои хосияти воқеӣ ва амалӣ доштаро низ пайдо намуд. Вале бо вуҷуди ин, ҳама осори илмии фаровон ба таври кофӣ ва ба таври бояду шояд, наметавонанд вобаста ба масъали таҳқиқотӣ моро қаноат намоянд, зеро равандҳои сиёсии ҷомеа ҳамеша дар ҳоли инкишоф қарор дошта, ҳар замон ба масъала хосиятҳои нав ба навро зам менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз мақсад ва вазифаҳои пешгузошта шуда бармеояд, ки ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад:

– асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши масъалаҳои ташаккули омили исломӣ таҳлил гашта, тамоюл ва самтҳои асосии инкишофи он дар раванди сиёсӣ муайян гардида, фаҳми гуногуни падидаи мазкур ба таври мушаххас нишон дода шудааст;

– таҳлили моҳият, хусусиятҳои асосӣ, сохтор ва таркиботии омили исломӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии он дар заминаи ратсионализатсияи ҷомеаҳои дар ҳоли гузариш қарор дошта равона шуда, таъсири падидаи мазкур ба самаранокии низоми сиёсӣ ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ ҳама ҷониба баррасӣ гардид;

– таҳлили асосҳои сиёсии мазмун ва мундариҷаи исломи сиёсӣ ва мухолифатҳои гуногуни он бо падидаю ҳодисаҳои раванди сиёсӣ бо истифода аз равиши таҳқиқи систематикии илмӣ муайян карда мешаванд;

– вазъият ва шароити кунунии Тоҷикистон ҳамчун давраи гузариш маънидод мегардад. Вобаста ба тақозои ҳолати мазкур махсусиятҳои зуҳур, сатҳи таъсиррасони падидаи омили исломӣ дар раванди сиёсии ҷомеа

---

[1]Ниг.: Лаумулин, М. Религиозная ситуация и угроза религиозного экстремизма в Центральной Азии [Текст] / М. Лаумулин // Центральная Азия и Кавказ. Т.15. 2012. №1; Сюкияйнен, Л. Ислам против исламского экстремизма [Текст] / Л. Сюкияйнен // Азия и Африка сегодня. 2003. № 2. – С. 4–8; Сухов, И. Поворот светского лица. Мусульмане опять пришли в общественное движение [Текст] / И. Сухов // Время новостей, 2005. 18 марта. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.vremya.ru/2005/45/4/120667. html. (дата обращения: 12.07.2011)

мавриди таҳлил ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор гирифта, мақоми он дар низоми муносибатҳои сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ ба таври мушаххас ошкор шудаанд;

– дар заминаи кӯшишҳои зиёде асосҳои назариявию методологии омили исломӣ дар асоси муносибати системанокӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба воситаи методҳои умуминазариявӣ таҳлилу таҳқиқи сатҳи муносибати мутақобилаи давлату ҷомеа ва ислом, ташкилоти динию мазҳабӣ ва мақоми онҳо дар раванди сиёсӣ бо назардошти воқеиятҳои умумии ҷаҳони муосир нишон дода шудааст;

– дар асоси таҳқиқоти комплексӣ чигунагии сатҳу сифати иштироки ташкилоти динӣ дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон дода шудаанд.

**Ҳолатҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1. Дин як қатор вазифаҳои муҳимро дар муносибат бо пайравону эътиқодмандон ва ҷомеа ба иҷро мерасонад. Мақом, нақш, нуфузи дин ва шумораи пайравони он пайваста дар ҳоли афзоиш қарор доранд. Ҳангоми таҳқиқу таҳлили умумии вазъи шароити кунунӣ ва раванди рушди сиёсию таърихии ҷомеа нишон медиҳанд, ки наметавон ба таври сатҳӣ аз омили динӣ сарфи назар намуд. Дар раванди рушди таърихии хеш ислом дар ҳудудҳои Тоҷикистони кунунӣ шароити зарурирo барои мавҷудияту фаъолияти хеш фароҳам намудааст. Мусулмонони кишвар дар таркиби ҳатто режимҳои ғайридинӣ низ аз эътиқодот ва арзишҳои худ содиқона пайравӣ намуда,онро ҳифз намудаанд.

2. Таҳқиқу таҳлили объективии омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки муносибат ба он на танҳо дар асоси масъала ва ҳадафҳои сиёсати дохилӣ, балки ба инобат гирифтани алоқамандии глобалии он бояд анҷом бипазирад. Дар раванди гузариши сифатӣ, тағйироти таркиботии иҷтимоӣ ва дар даврони буҳрони идеологию мафкуравии ҷомеа ислом бештар нақши унсури ғоявию арзиширо ба иҷро мерасонад. Агар аз ҷониби мақомоти расмӣ аз он ба таври ҳадафмандонаю самаранок истифода гардад, метавонад барои таҳкими босуботу мавзуни равандҳои сиёсии ҷомеа мусоидат намояд. Зеро аксарияти омма арзишҳои динирo пайравӣ намуда, аз он бештар истиқбол менамоянд. Аслан, низоми сиёсии ислом хосияти дунявӣ дошта, ҳуқуқҳои дунявирo ҳамчун манбаи мустақили қонун қабул дорад. Аз ин ҷост, ки мусулмонони Тоҷикистон пайваста дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ дар низоми демократию дунявӣ фаъолона ширкат меварзанд.

3. Ҳангоми таҳқиқи вазъият ва равандҳои сиёсии ҷомеа метавон ба ин натиҷа расид, ки ҳанӯз ҳам омили динӣ метавонад то андозае ба раванди ҳаёти сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистон таъсир расонад. Зеро дар фазои сиёсии кишвар муносибати мутақобилаи сиёсат ва дин ба таври фаъол ба назар мерасад. Ҳокимият, сиёсатмадорон ва намояндагони доираи рӯҳонӣ бо ҳамдигар дар муносибати мутақобила қарор доранд. Чунин идома пайдо кардани муносибатҳои мазкур мавқеи ходимони давлатию динӣ ва махсусан,

исломи расмиро боз ҳам дар низоми муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ бештар тақвият бахшида, сатҳи таъсиррасонии онҳоро ба афкори ҷамъиятӣ муассиртар мегардонад.

4. Вобаста ба вазъияту шароити кунуние, ки дар фазои дохилии кишвар ҳукумфармост «омили динӣ» барои Тоҷикистони чандон таҳдидовар маҳсуб ёфта наметавонад. Зеро чунин ҳолатро амали мантиқию дуруст ва таъхирнопазире, ки аз ҷониби ҳукумати кишвар нисбати он роҳандозӣ гардида, раванди босуботи омили диниро тақвият мебахшад. Самаранокии амали мазкур дар он зоҳир мегардад, ки фазои динию эътиқодӣ ба таври муттасил аз ҷониби давлат мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои мавҷудияти худ аллакай таҷрибаи муносибати солиму дурустро бо намояндагону сарварони рӯҳонии анъанавию расмӣ ва иттиҳодияву созмонҳои динӣ коркард намудааст. Шароити мавҷудият ва фаъолияти қонунию расмиро барои ҳамаи пайравони динҳо ба таври шаффофу баробар фароҳам намудааст. Ҳолати мазкур боиси он мегардад, ки равандҳои динӣ аз ҷониби гурӯҳҳои фурсатталаби манфиатҷӯй мавриди суиистифода қарор нагирад ва барои рушди мавзуни Тоҷикистони муосир ҳеҷ таҳдиду хатар ва масъалаи ҷиддиеро ба вуҷуд оварда натавонанд. Ба амалбарории муносибати мазкур аз ҷониби давлат ба низоми давлати дунявӣ дар мухолифат қарор намегирад.

5. Падидаи бо номи «исломи иртиҷоӣ» ва ҷараёнҳои ифротию бунёдгароёна дар байни аҳолии Тоҷикистон чандон эътибор ва ҷонибдорони зиёдеро пайдо карда наметавонанд. Зеро дар ҳудудҳои кишвари мо мазҳабҳои таҳаммулпазири ҳанафӣ ва шиаи исмоилия солҳои тӯлонӣ арзи ҳастӣ дошта, ба сифати унсури худмуҳофизатӣ ва таҳкимбахши муносибатҳои ҷамъиятӣ бар муқобили ҷараёнҳои радикалию иртиҷоӣ баромад менамоянд.

6. Бояд таъкид намуд, ки бо вуҷуди ин ҳама муваффақиятҳо, ҳанӯз ҳам зарурат тақозо менамояд, ки муносибат ба падидаи мазкур набояд сода пиндошта шавад. Зарур дониста мешавад, ки стандартҳои омӯзишии барномаҳои донишгоҳ ва мадрасаҳои исломию марказҳои исломшиносиро бояд инкишоф дод. Мутахассисон ва рӯҳониёнро бо донишҳои муосиру замонавӣ мусаллаҳ намуд. Ҳисси худшиносию худогоҳӣ ва ватандӯстиро дар ниҳоди онҳо фаъол намуд. То ин ки онҳо тавонанд дар муқобили ҳар навъ ҷараёнҳои ифротию иртиҷоӣ мавзеъгирии дурусту саривақтӣ дошта бошанд. Ба падидаю ҳодсаҳои номатлуби ҷомеаи муосир ва таҳдидҳои ҷаҳони навин аз мавқеи ҳимояи манфиатҳои миллӣ муносибат намоянд. Зеро оммаи мардум динро на фақат парастишот, балки ҳамчун тарзи ҳаёт низ қабул менамояд. Онҳо ҳам ба дин ва ташкилоти динӣ ва ҳам ба ходимону рӯҳониёни шинохтаи динию мазҳабӣ эътимоди баланд дошта, аз онҳо пайравӣ намуда, мақом ва эътибори онҳоро мепазироянд.

7. Барои Тоҷикистон ва минтақаҳои дигари олам маҷмуан, хатар на танҳо аз ҷониби фундаментализми исломӣ ва гурӯҳи ифротии ба қудрат расида дар кишвари ба мо ҳамсояи Афғонистон таҳдид менамояд. Балки он

бештар аз сиёсатҳои ғаразмандонаю манфиатхоҳонаи қудратҳои ғарбию минтақавӣ, пеш аз ҳама, аз ИМА ва шарикони он бармеояд. Ин кишварҳо, ҳанӯз истифодаи омили диниро дар сиёсати хориҷии хеш хело пештар оғоз намуда буданд. Махсусан, дар давраи набардҳои Афғонистон истифодаи омили исломӣ аз ҷониби рақибони коммунистон бештар мушоҳида мегардиданд. Дар шароити ҳозира бошад, бо истифода аз стандартҳои дугонаи хеш онро ҳамчун воситаи муассири таъсиррасонӣ, тарсу даҳшат, бесарусомонӣ барои дилхоҳ кишварҳои мадди назарашон ба таври васеъ истифода менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсионии «Омили исломӣ дар равандли сиёсии Тоҷикистони муосир»барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷуммҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 –Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ иборат мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарявӣ ва таҷрибавию амалӣ манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби унвони илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди роҳҳои ҳалли масъалаҳои марбути омили динӣ дар таркиби равандҳои сиёсии кишвар ва таъсири омилҳои хориҷӣ ба он инъикос меёбад ва имконияту роҳҳои рушди ҳамкориҳои мутақобилаи байни созмону иттиҳодияҳои динӣ ва давлат, ҳамкориҳои давлат бо созмону, иттиҳодияҳои исломии байналмилалӣ ва кишварҳои ҷаҳони исломро мушаххасан нишон додааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудаанд. Ҳолатҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Қисматҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявю байналмилалӣ ва семинарҳо, аз ҷумла: конференсияи ҷумҳуриявӣ тахти унвони «Маърифати иҷтимоӣ: масъалаҳо, анъанаҳо, дурнамо» (30 ноябрисоли 2011, Душанбе); конференсияи ҷумҳуриявӣ «Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷкистон ва масъалаҳои муҳимтарини инкишофи сиёсии кишвар», (25 октябри соли 2012, Душанбе); конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар масъалаи «Терроризм: моҳият, хосиятҳо ва раванди ташаккулу инкишоф», (12–13–уми

январи соли 2016, Душанбе); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир», (25–26–уми январи соли 2018, Душанбе); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалии «Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон», (12–уми майи соли 2021, Душанбе); конференсияи илмӣ–назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30 – солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20 – солагии факултети фалсафаи ДМТ,(27–уми октябри соли 2021, Душанбе) ва ғайра дар шакли маърӯзаҳо баён гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи натиҷаҳои мавзуи диссертатсия.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар 6 мақолаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида, пешниҳод гардидааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки дар бар гирандаи шаш зербоб аст, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 198 саҳифаи матни компютерӣ ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он таҳлилу баррасӣ гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, ҳолатҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи мақоми ислом дар раванди сиёсӣ»** ба таҳқиқи асосҳои илмию назариявӣ ва хусусиятҳои консептуалии масъалаи мақоми ислом дар раванди сиёсӣ бахшида шудааст.

Зербоби аввали боби якум – **«Методологияи таҳқиқи мақоми ислом дар раванди сиёсӣ»** бевосита омӯзиши хусусиятҳои муҳим ва заминаҳою сабабҳои зуҳури ҳарактҳои динию сиёсиро фаро мегирад. Нишон дода шуд, ки дар охири нимаи дуюми асри XX падидаю ҳодисаҳо, ҷараёнҳо ва ҳаракатҳои зиёде дар саросари кишварҳои ҷаҳони ислом ба миён омаданд, ки онҳо дар ҳадаф, мақсад, моҳият, стратегия ва тактикаи фаъолият аз ҳамдигар тафовутҳои зиёде доштаанд. Ба ҳамин далел аст, ки муҳаққиқони мухталиф ҳангоми омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои ҷаҳони ислом мафҳумҳои зиёдеро

барои фаҳми падидаю ҳодисаҳои ҳаёти сиёсӣ, ҷараёнҳою ҳаракатҳо ва ҷунбишҳои исломӣ ба кор бурданд.

Ҳангоми омӯзиши омили исломӣ ба сифати манбаъ ва захираҳои фундаменталӣ таълимот ва андешаҳои гуногун баромад менамоянд. Муҳаққиқон аз чунин таълимот ба сифати асосҳои методологӣ истифода намуда, онҳоро такмил дода, низоми хосаи муносибатҳоро таҳким мебахшанд. Яке аз чунин таълимот бо номи *назарияи ҳаракати ҷамъиятӣ* шинохта шудааст. Дар аввал ҷонибдорони он ба таҳлили меъёрию сохторӣ, равоншиносии иҷтимоӣ ва фаъолияти дастаҷамъӣ мепардохтанд. Масалан, Т. Парсонс чунин ақида дошт, ки ҷомеа ба мисли организми зинда амал мекунад. Он аз қисматҳо ва узвҳои ба ҳам вобаста ташкил шуда, ҳар яке вазифа ва ё фаъолияти муайяни худро ба иҷро мерасонанд, ки ба раванди шаклгирии баробарии иҷтимоӣ кумак мекунанд[1]. Фишорҳо то он андозае нороҳатии рӯҳию равониро ба бор меоваранд, ки дар ниҳоят боиси ба вуҷуд омадани аксуламали ҷамъиятӣ мешаванд. Бо ин тартиб, *назарияи функсионализми сохторӣ* аз ҷониби Т. Парсонс баён гардид.

Назарияи функсионалзми сохторӣ назарияи «сафарбарии захираҳо» аз сӯйи М. Залд ва Ҷ. Маккарти[2] матраҳ шуд. Ба андешаи онҳо ташкилот ва ё созмони ҳаракатҳои ҷамъиятӣ амали оқилона ва аксуламали муташаккилонаи ҷамъиятиянд.

Дар раванди таҳқиқ ва натиҷагирии мақом ва ҷойгоҳи ислом дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ *«Назарияи раванди сиёсӣ»* ҷои хосаро касб менамояд. Он дар заминаҳо ва истифода аз захираҳои *назарияи функсионализми сохторӣ* ва *назарияи ҳаракати ҷамъиятӣ* ба вуҷуд омадааст. Ин назария бештар аз ҷониби С. Тарру мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст[3].

Дар шаклгирии асосҳои методологии муносибат ба мақоми иҷтимоии ислом ва махсусан, исломи сиёсӣ *«назарияи чаҳорчӯба»* арзиши хосаро касб намудааст. Онро Д. Сноу тавсиф намудааст[4]. Ҳолатҳои чӣ гуна ҷунбишҳо паёмҳои худро барои ҷалби аъзо ва муттаҳид намудани ҷонибдорону ҳомиёни хеш интишор менамоянд, асоси онро ташкил медиҳад.

Идеология нақши идрокии ҷамъиятиро ба иҷро расонида, аз маҷмуи ғоя, ормон ва арзишҳои махсус таркиб ёфтааст. Он ҳамчун чароғи роҳнамо баро фаъолиятҳои сиёсии ҳизбу ҳаракатҳо нақши ҳидоятгариро анҷом медиҳад.

---

[1]Ниг.: Parsons, T. The social system [Text] / T. Parsons. – New York: Free Press, 1951. – P.13.

[2]Ниг.: Zald, M. and Mccarthy J. Social movements in and organizational society [Text] / M. Zald, J. Mccarthy, – New Brunswick Nj: Transaction Books, 1987. – P.5.

[3]Ниг.: Tarrow, S. Power in movement. Social movement and contentious politics [Text] / S. Tarrow. – Cambridge: Cambridge University Press, 1998. – P.70.

[4]Ниг.: Snow, D.A. and Benford R.D. "Ideology, Frame Resonance, And Participant Mobilization" [Text] / D.A. Snow. // International Social Movement Research, 1988, Vol. – Pp. 197– 218.

Муҳаққиқон онро маҷмуи тасаввуроти мафкуравию ғоявӣ медонанд.1 Идеология дар зеҳни ҷонибдорон таъсири муайянро ба вуҷуд меоварад, ки дар натиҷаи он субъект дар амалияи ҷамъиятӣ фаъолияти мушаххасро ба иҷро мерасонад.

Дар баробари назария ва методологияи таҳқиқи омили исломӣ ва сабабҳои зуҳури ҳаракатҳо ва ҷараёнҳои сиёсию иҷтимоии исломӣ андешарониҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки метавон онҳоро ба тариқи зайл нишон дод:

**1. Назарияи моҳиятию роҳнамоии исломизм.** Бархе аз муҳаққиқон ба ҷойи пайдо кардани асосҳо ва заминаҳои зуҳури падидаю ҷараёнҳои исломгароиро дар омилҳои хориҷӣ ва бӯҳронҳои ҷаҳони ислом дида, онро паёмад ва натиҷаи махсуси моҳиятӣ ва бунёдии ислом ва мувофиқ наомадани он бо моҳияти модернизатсия қаламдод менамоянд. Ҷунбишҳо бештар аз оне, ки сирфан амалу падидаи вокунишию ҷавобӣ бошанд, зуҳуроту ҷараёни фаъолеанд, ки аз матни дин, усул, асосҳо ва арзишҳои исломӣ ба вуҷуд меоянд.

**2. Назарияи ҷавобии моҳиятии исломгароӣ.** Теъдоди зиёде аз муҳаққиқон ба ин назаранд, ки ҷараёнҳо ва ҳаракатҳои исломгароӣ ҳамчун иқдоми ҷавобию вокунишӣ ва амали фармоишӣ нисбат ба тағйироти берунӣ ва таъсиру фишорҳои муҳитӣ мебошанд. Сабаби зуҳури равандҳои сиёсии исломгароиро онҳо дар масъалаҳои рӯбарӯ шудани мусулмонон ба тамаддуни ғарбӣ қаламдод менамоянд.

Мактаби русӣ дар фазои ҷомеаи муосир дар омӯзиши масъалаҳои мухталифи исломи сиёсӣ нақши пешоҳангро соҳиб мебошад. Он бештар се тарзи муносибат ҳангоми таҳлили ҷараёнҳои радикалии ислом пеша мегардад: методи интенсивии дефференсионалӣ; манбаъшиносӣ ва ё матншиносӣ; синтезӣ ва ё моҳиятӣ.

Зербоби дуюми боби якум – **«Омили исломӣ: моҳият, ҳадафҳо ва вазифаҳо»** ба омӯзиши унсурҳои таркибӣ, мақсадҳо ва вазифаҳои омили исломӣ бахшида шудааст.

Дар илми сиёсии муосир омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии омили исломӣ ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Мафҳуми «омили исломӣ» ва истифодаи он дар низоми илмҳои иҷтимоӣ ва махсусан, сиёсатшиносӣ таърихи чандон тӯлонӣ надорад. Аввалан, дар ВАО, баъдтар дар суханронию баҳсҳои сиёсӣ ва гардиши илмӣ мафҳуми «омили исломӣ» дар нимаи дуюми асри XX бештар мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт.

Дар назарияи сиёсӣ оид ба моҳият, ҳадаф ва хосиятҳои асосии омили исломӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми сиёсии олам андешаҳои мухталифу зиёде ҷой доранд. Як гурӯҳи муҳаққиқон ба ин назаранд, ки омили исломӣ ҳамчун

---

[1]Ниг.: Зокиров, Г.Н. Идеологияи сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2008. – 184 с.; Wilson, J. Introduction to Social Movement [Text] / J. Wilson. – New York: Basic Books, 1973. – P.91–92.

як мафҳуми сунъӣ аз ҷониби дастгоҳҳои махсусу мухталифи амниятию қудратӣ эҷод гардидааст. Аз он ҷое, ки омили исломӣ ба таври хоса ба ҳаёти динӣ алоқамандии қавӣ дорад, пас мекӯшанд онро дар ҷомеаҳои ғайримусулмонӣ ҳамчун хатар ва таҳдид нишон диҳанд. Барои гурӯҳи дигаре аз муҳаққиқон он ҳамчун як чараёни бартаридоштаи табиӣ ва пешоҳанг дар ҷомеаи мусулмонӣ маҳсуб ёфта, муайянкунандаи меъёри асосии ҳаёти моддӣ ва маънавии онҳо мебошад. Барои гурӯҳи сеюм бошад ин раванд ва падида дар натиҷаи муносибатҳои мутақобила ва бисёрҷонибаи ҷаҳони ислом бо тамаддунҳои дигар ба вуҷуд омадааст.

Дар доираҳои илмӣ муносибат ва баҳогузорӣ ба омили исломӣ ҳамчун раванд ва ё падида бештар меъёрҳои идеологӣ бартарӣ доштанд. Равандҳои эҳёи исломӣ бештар дар муносибат ба ҷаҳони ислом рабт дода мешуд. А. Ахмедов ба таркиби омили исломӣ тақвият ёфтани фаъолнокии иҷтимоии оммаро дар кишварҳои мусулмонӣ ва бо шӯру шавқи баланд фаъолият намудани созмонҳои исломиро дар арсаи байналхалқӣ ворид менамояд[1].

Таъсиру эътибори омили исломӣ аксар вақт вобаста ба манфиатҳои абарқудратҳои замон, ҳам ба таври мусбӣ ва ҳам манфӣ маънидод мегардад. Ҳангоми таҳлили омили исломӣ ҳам дар ҷаҳони ислом ва ҳам берун аз он ҳанӯз ҳам идома ёфтани ҳамин тарзи муносибатҳоро метавон ба осонӣ мушоҳида намуд. Маҳз чунин навъи муносибатҳо дар раванди омӯзиши объективонаи он мураккабӣ ва мушкилоти зиёдеро илова намудаанд.

Аксари сиёсатшиносони Ғарб ҷаҳони исломро ҳамчун қувваи мутаҳаррики фаъоли ҷаҳони муосир, сарсахтарин рақиб ва яке аз пойгоҳҳои асосии низоми ҷаҳони оянда меҳисобанд. Афзалият ва аҳамияти омили исломӣ аз як қатор иқтидору манбаъҳои он вобастагӣ дорад, ки дар саромади онҳо пеш аз ҳама вуҷуди нуктаҳои асосии геополиткӣ, геостратегӣ, захираҳои ниҳоятан муҳимми энергетикӣ ва вусъати географии ҷаҳони ислом қарор доранд.

Баъд аз байн рафтани Иттифоқи Советӣ назари муҳаққиқони он нисбат ба мафҳуми «омили исломӣ» то андозае тағйир ёфт. Акнун омили исломиро на танҳо сирф аз лиҳози идеологӣ ва дар сиёсати хориҷии кишварҳои хеш баррасӣ менамоянд, балки ин падидаро ҳам дар дохил ва фазои кишварҳои дигар мавриди омӯзиши амиқтаре қарор додаанд. Онҳо зери мафҳуми «омили исломӣ» тақвият бахшидани таъсиру нуфузи исломро дар ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷониби қувваҳои дохилӣ барои қавӣ гардонидани мавқеъ ва ба амал баровардани ҳадафҳои сиёсӣ, рӯоварии давлат ба арзишҳои миллӣ ва меъёрҳои исломӣ, ки бахри мустаҳкам намудани мавқею манфиатҳои хеш истифода менамоянд, маънидод мекунанд[2].

---

[1]Ниг.: Ахмедов, А. Ислам в современной идейно–политической борьбе [Текст] / А. Ахмедов. – М., 1985. – С. 146.

[2]Ниг.: Малашенко, А.Л. Ислам и политика в государствах Центральной Азии [Текст] / А.Л. Малашенко. // Центральная Азия и Кавказ. 1999. – №4. – С. 59.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон қайд менамоянд, ки омили исломӣ метавонад хосияти динӣ низ надошта бошад. «Худи воқеияти сиёсии олами муосир нишон медиҳад, ки фаъолони раванди сиёсӣ субъектҳои сиёсӣ, иштирокчиёни омили исломӣ, гурӯҳҳо, созмонҳо ва институтҳое мебошанд, ки моҳиятан ғайриисломиянд».[1] Замоне, ки падидаҳои марбути мафҳуми «омили исломӣ» баррасӣ мегарданд маълум мегарданд, ки воқеан ҳам марказҳои таҳқиқотӣ, хазинаҳо, ВАУ, ширкатҳои саноатӣ ва гурӯҳҳои молиявӣ, таъинотҳои махсуси ҷосусию иктишофӣ ва ҳарбие мавҷуданд, ки фаъолиятҳои хосаро ба тарзи фармоишӣ ва вобаста ба ҳадафҳои муайяни тарҳрезишуда пиёда менамоянд. Ин фаъолиятҳо ба воситаи методҳои махфиёнаи дипломатӣ, иктишофӣ, ҷосусию агентурӣ, таъсиррасонии иттилоотӣ ва усулҳои дигари ғайримаъмулӣ ба амал бароварда мешаванд. Ҳадафи аслӣ ин навъи фаъолиятҳо ба воситаи омили исломӣ таъсиррасонида, фароҳам овардани шароити муосиди иқтисодӣ ва геостратегии мувофиқ барои манфиатҳои кишварҳои ғайриисломии хеш дар фазои паҳнгаштаи ҷаҳони ислом ба шумор меравад.

Зербоби сеюми боби якум – **«Исломи сиёсӣ ва зиддиятҳои раванди сиёсӣ»** ба омӯзиши хусусиятҳои муҳимми падидаи «исломи сиёсӣ» бахшида шуда, зиддиятҳо ва мухолифатҳои раванди сиёсӣ нишон дода шудааст.

Дар мавриди масъалаи таъсиррасонии омили динӣ, пайвастагии дину сиёсат, сатҳи муносибат ва робитаи байниҳамдигарии онҳо, зиддиятҳои гуногуни раванди сиёсӣ бо он аз замонҳои пеш то кунун баҳсҳои зиёде сурат гирифта. Масъалаҳо ва мухолифатҳои исломи сиёсӣ дар раванди сиёӣ вобаста ба замону макон дар сатҳи мухталиф зуҳур менамоянд. Яке аз масъалаҳои бунёдӣ ва мухолифатноки раванди сиёсӣ зимни баррасии исломи сиёсӣ баҳси ҷудоии дин аз сиёсат маҳсуб мегардад. Муҳаққиқони зиёде таърифҳои мухталиф ва мухолифро вобаста ба замону макон, шароит ва бардошту мавқеияти хеш аз чи гунагии робитаи дин ва сиёсат баён намудаанд. Дар мавриди ҷудоии дин аз сиёсат ҳатто байни баъзе аз равшанфикрони динӣ ва гурӯҳҳои мухталифи исломӣ ихтилофи назар низ то андозае вуҷуд дорад. «Сабаб он аст, ки дар бештари ҳолатҳо мутахассисон ва ходимони сиёсию ҷамъиятӣ ва диние пайдо мегарданд, ки ҳамгироии дин ва сиёсатро эътироф наменамоянд. Баъзе муҳаққиқон чунин андеша пеш мегузоранд, ки гӯё сиёсат ва дин аз ҳам бегона буда, пайвасти қавӣ надоранд. Онҳо хулоса менамоянд, ки набояд сиёсат ва дин аз ҳам чун институтҳои мустақили инкишофи таърихии ҷомеа ба корҳои ҳамдигар дахолат намоянд. Чунин муносибат ба масъалаи мазкур куллан хато буда, сатҳи инкишофи нокифояи субеъктро нишон дода, аз донишҳои муосир дурӣ доштани ӯро собит месозад»[2]. Ҳақ бар ҷониби В.И. Ленин аст, ки мегӯяд: «Дар мубориза

[1] Игнатенко, А.А. Ислам и политика [Текст] / А.А. Игнатенко. // Сб. статей. – М., 2004. – С. 223 – 224.

[2] Зокиров, Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ. [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2010. – С. 96.

сиёсӣ иштирок накардани рӯҳониён дурӯягии зарарноктарин аст. Дар амал рӯҳониён ҳамеша дар сиёсат ба таври пинҳонӣ иштирок карда омадаанд ва ба сиёсати кушоду равшан гузаштани рӯҳониён ба халқ фақат фоида мерасонад»[1].

Мафҳуми «исломи сиёсӣ» метавонад ба доираи васеи одамон ва гурӯҳҳое пайваст гардад, ки баҳри тағйир ва таҳуввули давлату ҷомеа дар асоси ҷаҳонбинӣ ва принсипҳои исломӣ иқдом менамоянд. Ҳамчунин, зери мафҳуми «исломи сиёсӣ» метавон истифодаи исломро ба сифати сарчашмаи консепсияҳо ва мафҳумҳои маҷозӣ баҳри ташаккул ва тақвият бахшидани мавқеи сиёсӣ маънидод намуд. Исломи сиёсӣ дар худ яке аз ҷанбаҳои мафҳумӣ ва ё падидаи «эҳёи исломӣ»–ро ифода менамояд ва на ҳамаи хосиятҳои мусбату хубиҳо ва шаклҳои фаъолиятҳои сиёсии мусулмон зери мафҳуми «исломи сиёсӣ» ворид мешавад. Яъне дар ин мазмун мафҳуми «исломи сиёсӣ» дар маънии манфӣ баён карда мешавад. Баъзе муҳаққиқон ва доираҳои илмию академӣ мафҳумҳои «исломизм» ва «исломи сиёсӣ»–ро барои ифодаи падидаҳо ва зуҳуроти марбути ислом дар як маъно ва як радиф истифода менамоянд.

Истилоҳоте, ки барои ифодаи падидаи «исломи сиёсӣ» ба кор мебаранд, аз ҳамдигар тафовут доранд. М. Крамер аввалин шуда солҳои 1980–ум мафҳуми «исломи сиёсӣ»–ро ба кор бурдааст. Дар соли 2003 бошад ӯ баён намуд, ки метавон «исломи сиёсӣ»–ро ҳамчун як мафҳуми такрории тақрибан зидмаъно ва ё бемаъно (тавтология) шуморид, зеро ҳеҷ гоҳ дар ҷаҳони ислом дин аз сиёсат ҷудо нест[2]. Баъзе аз мутахассисон ва муҳаққиқон мафҳумҳоеро ба мисли «исломизм» барои ифодаи як қатор ҳодисаҳои марбути ислом ба кор мебаранд, ки фаҳми воқеии онро мураккаб ва тақрибан номумкин менамоянд.

Мафҳуми «исломи сиёсӣ» аз ҷониби баъзе муҳаққиқон барои ифодаи гурӯҳҳо, ҷараёнҳо ва ҷамоаҳои хориҷӣ, ки барои раванди васеи эҳёшавӣ бо барномаҳои муайяни сиёсӣ мусоидат ва ё амал менамоянд, ба кор бурда шудааст. Баъзан, ба «исломи сиёсӣ» ҳама навъи ҷараёну ҳаракатҳое, ки ба асосҳои ислом такя намуда ва риояи онҳоро аз ҳар мусулмон таъкид менамоянд ва метавонанд низоми сиёсиро зери таъсир қарор диҳанд, ворид менамоянд. Як қатор муҳаққиқони дигаре низ мафҳумҳои мухталифро барои ифода ва ҷудо намудани фирқаҳою ҷарёнҳои идеологӣ ҳамзамон бо «исломи сиёсӣ» ба кор мебаранд.

Дар доираҳои илмии кишвар чунин андешаҳое низ ҷой доранд, ки ба тарзи гузориши масъала ва истифодаи мафҳуми «омили исломӣ» ва ё «исломи сиёсӣ» розӣ набуда, ба назари онҳо амали мазкур илмӣ маҳсуб

---

[1]Ленин В.И. Асарҳо [Матн] / В.И. Ленин. – Ҷ.18. – С. 320.

[2]Ниг.: Kramer, Martin. Political Islam [Text] / M. Kramer. // The Washington Papers: journal. 1980. Vol. VIII. – 88 pp; Kramer, Martin. Coming to Terms: Fundamentalists or Islamists? [Text] / M. Kramer. // Middle East Quarterly (англ.) русск.: journal. – 2003. – 1 March. – P. 65 – 77.

наёфта, чандон дуруст нест. Махсусан, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумла Тоҷикистон, ки аксарияти ҷомеа, асосан аз ислом пайравӣ менамоянд мафҳуми «омили исломӣ» чандон маъно надорад. Моҳиятан ин падида ҳамчунонест, ки омили исломӣ хатар барои ҷомеаи мусулмонӣ аст[1].

Ҳамин тавр, иштироки дини ислом дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, нақши муайянкунандагии он дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии мусулмонон ҳамчун исломи сиёсӣ муаррифӣ мегардад. Исломи сиёсӣ дар заминаи ғояҳои панисломизм инкишоф ёфта, дар доираи чунин асосҳо идеологияи давлати исломӣ, иқтисодиёти исломӣ, фаҳми исломии ҳуқуқи инсон ташаккул меёбад.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Масъалаҳои сиёсию назариявӣ ва амалии ҷойгоҳи дини ислом дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон»** – хусусиятҳои зуҳури омили исломӣ дар раванди сиёсӣ ва иштироки ташкилотҳои сиёсию динӣ дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардиданд.

Зербоби якуми боби дуюм – «**Хусусиятҳои зуҳури омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистон**» ба омӯзиши хусусиятҳои муҳими сабабҳо ва зуҳури омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистон бахшида шуда, заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии он нишон дода шудааст.

Дар доираи ҳадафҳои таҳқиқот зарурат пеш меояд, ки моҳият, хосиятҳои асосии омили исломӣ ва муносибати мутақобила ва ҷойгоҳи он дар раванди сиёсии Тоҷикистон муайян гардад. Муҳимтарин ҷанбаи таҳлилию назариявӣ ва методологии махсусиятҳои зуҳури омили исломӣ дар раванди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар заминаи муносибати комплексӣ ва системанокӣ ба амал ояд.

Тоҷикистон дар давраи инкишофи таърихии хеш марҳилаҳои гуногуни рушдро паси сар намуда, акнун собитқадамона дар асоси шароит, воқеиятҳо ва таҷрибаи хеш рӯ ба тараққиёт овардааст. Таҳлили ҳаёти ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ онро падидаҳо, зуҳурот ва равандҳои мухталиф ҳамроҳӣ намудаанд. Равандҳои секуляриконии фарҳанг, тоза намудани зеҳнҳо ва эмин нигоҳ доштани ақлу ҳуши мардум аз таъсири дин, намунае аз ин падидаҳост. Амали мазкур дар таҷрибаи ватанӣ аслан, дар даҳсолаҳои аввал ва мобайни асри XX аз ҷониби дастгоҳи идеологии советӣ амалӣ мегардид. Баъди фанои Иттифоқи Советӣ ҳолати мазкур дар камтарин фурсати таърихӣ раванди мутаззоду баръакси онро, яъне десекулиятизатсияро ба вуҷуд овард. Муҳаққиқони соҳа раванди бо суръат вусъати наву инкишоф пайдо намудани дин дар ҳаёти ҷамъиятиро ба решаҳои амиқи он дар таърих, иҷтимоиёт, фарҳанг, эътиқод, фитрат ва ботини аксарияти мардум вобаста менамоянд.

---

[1]Ниг.: Рахнамо А. Возвращение к исламским ценностям – естественный процесс [Текст] / А. Рахнамо. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.islamnews.ru/news–134901.html. (дата обращения: 12.11.2014)

Дар Тоҷикистон тарҳи нави муносибатҳои байниҳамдигарии ҳокимияти дунявӣ ва исломи сиёсӣ ташаккул ёфт. Дар воқеъ он тарҳи либералию плюралистӣ ба шумор мерафт. Расмият ёфтани ҳизби сиёсии динӣ, дар як ҳолат нигоҳ доштани моҳияти дунявии давлат ва таъмини тағйирнопазирии принсипи мазкур асоси онро ташкил менамуд. Хусусиятҳои чунин тарҳи давлати дунявиро мавҷудияти ҳудудҳои зарурии сиёсию ҳуқуқӣ барои фаъолияти расмии исломи сиёсӣ ва иштироки ҳизби сиёсии динӣ дар раванди сиёсӣ ташкил менамуданд. Зиёда аз ин, имконияти фаъолияти расмиро пайдо намуда, гурӯҳҳои сиёсии исломӣ ба раванди одатнамоӣ ба қоидаҳо ва талаботҳои низоми ҳуқуқӣ, сотсиаликунонӣ ва ҳамгироӣ ба ҳаёти сиёсии ҷомеа муваффақ мегарданд. Ҳолати мазкур ба моҳият ва характери фаъолияти неруҳои сиёсии динӣ таъсири муассир мерасонад.

Аммо дар Тоҷикистон муколимаи давлати дунявӣ ва исломи сиёсӣ дер боз давом накард. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҳоло Ташкилоти экстремистию террористии ҲНИ) дар раванди сиёсӣ фаъолияти самаранокро пайдо накард. Ба амалҳое машғул гардид, ки мухолифи инкишофи муътадил ва таҳкими Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон буданд. Он сентябри соли 2015 дар маркази мухолифатҳо ва муқовиматҳо қарор гирифт. Аз ин ҷост, ки Суди Олии Тоҷикистон фаъолияти онро ҳамчун ҳизби сиёсии иртиҷоӣ ва ҳаракати ифротӣ бо ҷурми даст доштан дар омода намудани табадулоти давлатӣ манъ намуд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Ташкилотҳои сиёсии динию мазҳабӣ ва мақоми онҳо дар раванди сиёсии Тоҷикистон»** масъалаи робитаҳои мутақобилаи иттиҳодияҳо ва созмонҳои динӣ бо давлат мавриди омӯзиш қароргирифтааст. Муносибатҳо дар асоси принсипҳои демократӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ба инобат гирифтани манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ, ҳамкориҳо ва майл доштан ба ҳусни тафоҳум, эҷоду коркард шудаанд. Дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар асосҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳо ба вуҷуд омадаанд, ки баробарии ҳуқуқ ва озодиҳои тамоми шаҳрвандонро новобаста аз мансубияти динию эътиқодияшон таъмин менамоянд. Қонунгузории кишвари мо гуногунрангии диниро истисно накарда, ниёзу талаботи инсонро баҳри алоқамандӣ ва амалӣ намудани принсипу талаботҳои эътиқодию диниро маҳдуд намегардонад. Дар асоси талаботу принсипҳо ва меъёрҳои сиёсию байналмилалие, ки ба ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсон ва масъалаҳои эътиқодӣ таъкиду дахл менамоянд низоми ҳуқуқӣ барои озодии виҷдон, боварҳои динӣ, фаъолияти ҳамаи созмонҳо ва иттиҳодияҳои динӣ шароити мусоиду баробар фароҳам овардааст. Мувофиқи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию сиёсии байналмиллаӣ давлатҳои миллӣ уҳдадоранд, ки ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ дар муносибат ба дин таъмини ҳуқуқ ва озодии виҷдонро таъмин намуда, мақомоти давлатӣ бо иттиҳодия ва созмонҳои динӣ дар асоси ҳусни тафоҳум муносибат намоянд.

Ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар муносибат ба дин ва иттиҳодияву созмонҳои динӣ аз бисёр ҷиҳат муҳити ахлоқию психологӣ ва суботу рушди мавзуни ҷомеа, имиҷи байналмилалии кишвар вобастагии амиқ дорад. Аз ин ҷост, ки давлат ба таври мунтазам принсипи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандро пайгирӣ менамояд. Асосҳои воқеии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳо, қабл аз ҳама, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидаанд. Мавҷудияту фаъолияти зиёда аз 4198 иттиҳодиҳои динӣ, ки аз ҷониби зиёда аз 40 конфессия ва мазҳабҳо аз худ намояндагӣ менамоянд, шаҳодати ин гуфтаҳост. Ҳоло таъсири омили динӣ ба ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар баръало назаррас аст.

Воқеан ҳам, дар шароити ҳозираи инкишофи раванди сиёсии ҷаҳонӣ мақом, нақши динҳо ва мазҳабҳои гуногун хосияти барҷастаро касб намудаанд. Аз ҳарвақта дида, имон ва эътиқоди динӣ қавитар мегардад. Одамони касбу кори гуногун муроҷиат ба дин ва ташкилотҳои диниро воситаи муҳими ҳалли масъалаҳо меҳисобанд. Беҳуда нест, мақоми ташкилотҳои сиёсии динӣ тадриҷан баланд гардида, ҷои иттиҳодияҳои дигару ғайридиниро мегиранд.

Дар олами муосир ташкилотҳои динӣ мақоми махсусро ишғол намуда, дар мавриди масъалаҳои муҳимтарини рушди олам ибрози андеша ва мақомгирӣ менамоянд. Махсусан, назари хосаи онҳо дар нисбати масъалаҳои бунёдӣ назаррас мебошад. Ташкилотҳои динӣ аз ҳалли масъалаҳои дунявӣ, махсусан, масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва озодии виҷдон худро канор намегиранд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Иштироки ташкилотҳои сиёсию динӣ дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеаи Тоҷикистон»** иштироки ташкилотҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои динӣ дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеаи Тоҷикистон мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Ҳангоми таҳлили вазъи сиёсӣ ба таври умумӣ дар ташаккули равандҳои сиёсии Тоҷикистони баъдисоветӣ метавон ду навъи тамоюлро бештар мушоҳида намуд. Аз як ҷониб, истифодаи ислом дар доираи ҳадафҳо ва мақсадҳои сиёсӣ, кашидани ҳарчи зиёдтари шаҳрвандони эътиқодманд ба сиёсати кабир, бо дар назар гирифтани он, ки раванди демократикунонии ҷомеаи тоҷикистонӣ ва даст кашидан аз идеологияи атеистӣ шароити мусоидеро барои он фароҳам овард.

Аз ҷониби дигар, худи эътиқодмандон, мардуми мусулмони кишвар аз боиси афзудани худшиносии миллӣ, имконияти ба таври ошкоро баёни талабот барои эҳё ва рушди махсусиятҳои миллию фарҳангӣ ва изҳори ташаббуси маънавию рӯҳӣ, нақши ҷараёни исломиро барҷаста сохта, иштироки фаъолтари онҳоро дар равандҳои сиёсӣ ба миён овард.

Яке аз хосиятҳои ифодаи мавҷудият, табиат, ҳолат ва махсусиятҳои ҷараёни исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистонро метавон дар раванди афзоиши босуръати шумора ва андозаи ҷамоаҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ҷустуҷӯ намуд.

Иттиҳодияҳои динӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда, давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва хайриявӣ, инчунин дар масъалаҳои таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ ва мероси таърихию фарҳангӣ ва пешгирии ифротгароӣ ҳамкорӣ менамоянд. Ҳамкории самарабахши давлат ва иттиҳодияҳои динӣ унсури муҳими таъмини субот ва рушди ҷомеаи маданӣ буда, саҳми иттиҳодияҳои динӣ дар беҳбудии вазъи иҷтимоии аҳолӣ, бунёдкориву созандагӣ ва тарбияи маънавию ахлоқии аҳли ҷомеа назаррас мебошад.

Ҳангоми татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ба масъалаи танзими фаъолияти иттиҳодияҳои динии дорои эътиқоди исломӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Давлат барои пойдории таҳаммул ва эҳтироми байни шаҳрвандони диндору бедин, байни пайравони иттиҳодияҳои динӣ ва мазҳабҳои гуногун мусоидат намуда, ба зуҳуроти таассуб, хурофот ва ифротгароӣ дар фаъолияти онҳо роҳ намедиҳад.

Дар **хулосаи** рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, таҳлилу баррасии масъалаи «омили исломӣ» натиҷагирӣ шуда, пешниҳодҳо баён гардидаанд.

## ХУЛОСА

### I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Раванди ба истилоҳ «эҳёи исломӣ» ҳамчун сифатан гардиши нави муроҷиат ва муносибати мусулмон ба дини худ, бо анъанаҳои бисёрасра, дар пайи ҷустуҷӯйи такягоҳи маънавии табиӣ, баҳри дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои ҷомеа дар замони глобалии муосир, маънидод мегардад. Эҳёгардии падида ва ҷараёни динӣ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ барои ташаккули ҳувият ва худшиносии мардум ниҳоятан як амри табиӣ маҳсуб меёбад. Ин тамоюл дарояндаҳои дуру наздик идома пайдо хоҳад намуд. Бо он ҳама мушкилиҳо ва буҳрони мураккаб ва паёмадҳои идоранашвандаи он дар кишвар дар замони пошхӯрии Иттифоқи Советӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби ҳукумат заминаи мусоди барои эҳёи исломи расмӣ, арзишҳои миллӣ ва интегратсияи ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ба вуҷуд оварда шуд[2–М].

2. Воқеияти ҳаёт ва таҷрибаи ҷамъиятӣ таҳлил ва омӯзиши падидаи «омили исломӣ»–ро дар мадди аввал мегузорад. Муддатҳои дароз ба он муносибати воқеъбинона сурат нагирифта, онро танҳо ба фазои динӣ мансуб медонистанд ва ё ба фазои сиёсӣ маҳудуд менамуданд. Аммо натиҷаи таҳиқиқи рисола нишон медиҳад, ки «омили исломӣ» ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ таъсири хешро мерасонад ва дар таркиби он субъектҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ: динӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва ғайраҳо фаъолият менамоянд. Аз ин хотир онро наметавон марбути соҳаи алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ баҳогузорӣ намуд [1–М].

3. «Омили исломӣ» ҳар чи бештар ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон аз ҷумла, ба ҳаёти сиёсӣ таъсири бештари худро мерасонад. Дар фазои сиёсии кишвар муносибати фаъолонаи мутақобилаи сиёсат ва дин ба таври возеҳ қобили мушоҳида мебошад. Доираи ҳукумрон ва ходимони рӯҳонӣ ба вуҷуди ҳамдигар ниёз доранд. Иштироки фаъоли иттиҳодияҳо ва созмонҳои динӣ дар фазоҳои мухталифи ҷомеа ҳар чи бештар эҳсос мегардад. Наздик будан ба ҳокимият ҳар чӣ зиёдтар фазои самарноки таъсиррасониро барои онҳо муҳайё месозад [4–М].

4. Сиёсат ва дин – ду падидаи ба ҳамтаъсиррасонанда ва муттасили ҳаёти ҷамъиятӣ дониста мешаванд. Эҳёи исломӣ дар Тоҷикистон дар шароити феълӣ дар муқобили ҳокимияти дунявӣ қарор гирифта наметавонад. Дар раванди эҳёи исломӣ фаъолгардии ҳаракатҳо ва ҷараёнҳою иттиҳодияҳои сиёсию динӣ бо шиорҳои динӣ кӯшиши эҳёи ҳувияту худшиносии мардуми мусулмон ва ҳимояи арзишҳою манфиатҳо дар ҷаҳони тағйирёбанда, зери таъсири паёмадҳои раванди глобалӣ, мақоми марказӣ пайдо менамоянд. Зуҳури рӯзафзуни ҷараёнҳо, ҳаракатҳо ва созмонҳои динию ҳизбҳои сиёсии бештар дар кишварҳои мухталифи олам мушоҳида мегарданд [3–М].

5. Ходимон ва сарварони рӯҳонӣ дар Тоҷикистон дар хутбаҳо ва суханрониҳои хеш аз минбарҳои масҷидҳо, пайваста оммаи мардуми эътиқодмандро аз ҳимоя ва пуштибонии сиёсати давлатӣ даъват менамоянд. Таъсиси Маркази исломшиносӣ, Кумита оид ба дин ва танзими анъанаҳо ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ба хотири беҳтар идоранамудан ва назорат аз болои фазои динию эътиқодӣ аз ҷониби давлат, роҳандозӣ шуда, амали мусбат арзёбӣ мешаванд. Давлат манфиатдор ва муваззаф аст, ки нагузорад созмонҳо ва иттиҳодияҳои динӣ дар шароити нави инкишофи Тоҷикистон ба қудрат ва воситаи амалигардонии ҳадафҳо ва ғаразҳои гурӯҳҳои дигари иртиҷоию сиёсӣ табдил ёбанд [6–М].

6. Барои Тоҷикистон ва ҷомеаи байналмилалӣ хатар аз ҷониби сиёсати фаъоли гегемонӣ ва пардапӯшонаи қудратҳои ҷаҳонӣ, махсусан, Ғарб бештар таҳдид менамоянд. Ин кишварҳо дар аввал омили диниро бар муқобили Иттифоқи Советӣ ба кор мебурданд. Акнун тактикаи мазкурро бар муқобили кишварҳои ҷаҳони ислом равона намуда, дар ҳолати тарс, даҳшат, ваҳшат ва бухронҳои амиқ нигоҳ дошта, ҷанги байни тамаддунҳоро кайҳо боз хосияти воқеӣ бахшидаанд. Ба ин тартиб, ба воситаи эҳсосоти эътиқодию динии аҳолӣ ва сокинони худи кишварҳо ба сарварон ва доираҳои ҳукмрони онҳо, таъсири фаъоли хешро дар мавридҳои дилхоҳу муносиб мерасонанд. Дар сиёсати байналхалқӣ бо истифода аз «стандартҳои дугона» созмону ҳаракатҳое, ки дар доираи манфиатҳои онҳо амал намекунанд ва ё аз зери таъсири онҳо хориҷ гардидаанд террорист ва гурӯҳҳои дигари алоқаманду зернуфузи худро “озодихоҳ” ва ё ҳаракатҳои “муътадил” ном мениҳанд. Дар амалияи сиёсати байналхақӣ чунин ҳолатро метавон ба осонӣ мушоҳида намуда, чандин мисолҳо ва намунаҳои бешумори онро пайдо намуд [5–М].

7. Ба хотири ҷойгиршавии мавқеи стратегӣ Тоҷикистон пайваста тавваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрати манфиатталабро аз минтақаҳои мухталифи дунё ба худ ҷалб менамояд. Тоҷикистон дар шароити глобаликунонии иттилоот наметавонад аз таъсири ин равандҳои ташвишовар ва фарогирандаи тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар канор монад. Имрӯзҳо раванди баҳамназдикшавии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳони ислом мушоҳида мегардад. Дар зери таъсири ин раванд метавонад ба ҷомеаи тоҷикистонӣ унсурҳои нав ворид гашта, таъсир ва паёмадҳои мухталиферо ба вуҷуд оранд. Тоҷикистон баъди охири солҳои 90–уми асри XX дар сари роҳи таблиғоти динию мазҳабии таблиғгарони мухталиф қарор гирифт, ки аксаран ғоя ва арзишҳоеро ворид менамоянд, ки чандон бо ҷомеа ва дини ислом ошноӣ надошта, ба он бегонаанд. Кӯшишҳо ва амалҳои интишори равияҳои динии канора ва ифротгароӣ дар кишвар инкор намегардад. Созмонҳо, ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ, ифротию иртиҷоӣ ва хазинаҳои мухталифи хориҷии динию мазҳабӣ мекӯшанд ба воситаҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ ба фазои ягонаи эътиқодии мардуми кишвар, мазҳаб ва фирқаҳою арзишҳои хешро ворид сохта, бори дигар ҷомеа ва кишвари азизи моро ноором созанд [6–М].

## II.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои мавзуи диссертатсия “Омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир” чунин хулосаҳо ва тавсияҳоро метавон ба тариқи мухтасар баён намуд:

1. Дар аввали солҳои 90–уми асри XX дар раванди дигаргунии ҷомеа ва гузариш ба масъалаҳои мухталифе дучор гардид. Яке аз чунин масъалаи даври гузариши сифатии ҷомеа омили динӣ маҳсуб мегардид, ки ба тадриҷ он роҳи ҳаллли дурусти хешро пайдо намуд. Дар шароити феълӣ масъалаи ҷиддие ба ғайр аз як чанд ҳолатҳои истисноӣ, дар мавриди муносибати байни ҳамдигарии иттиҳодияҳою созмонҳои динӣ, конфессияҳо ва давлат ба назар намерсанд. Гарчанде ки аксарияи мардуми кишвар аз оини ислом пайравӣ ҳам намоянд, вале нисбати намояндагони адёни дигар бо таҳаммул ва камоли инсонӣ мунасибат менамоянд. Аммо равандҳои сиёсии ҷомеа ҳамеша дар ҳоли таҳаввул ва дигаргунӣ қарор доранд. Бинобар ин, набояд ба чунин дастовардҳо иктифо намуд.

2. Дар ҷомеаи тоҷикистонӣ созмонҳо ва ҳаракатҳои бунёдгаро, ифротию террористӣ мақом ва пойгоҳи қавии иҷтимоии худро ба чанд далели зерин пайдо карда наметавонад:

– ислом дар кишвари мо ба мазҳаби муътадили ҳанафӣ такя менамояд;

– ислом дар Тоҷикистон решаҳои қавии таърихӣ дошта, ба тору пуди фарҳангӣ, ҷаҳонбинӣ, ҳувият ва худшиносии мардуми тоҷик ба таври ниҳоятан зич пайваста буда, ҳамчун симбиоз ташаккул ёфтааст;

– терроризм, экстремизм ва фундаментализм, ки дар натиҷаи омилҳои мухталифи моҷаробарангез ва муҳорибаи гурӯҳҳои гуногуни дохилию

хориҷӣ ба вуҷуд меоянд, онҳо ба таври усули роҳи ҳалли оқилона ва самаранокӣ хешро доранд;

– омили дигари зуҳури терроризм ва фундаментализм аз сарзадани буҳрони маънавию эътиқодии қишрҳои иҷтимоии ҷомеа вобастагии амиқ дорад, ки дар замони пошхӯрии Иттифоқи Советӣ буҳрони мазкур ба таври ошкоро тамоми низоми давлатӣ ва фазои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифт. Аз ин хотир, андешидани тадбирҳои зарурӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ боиси таҳкими муносибатҳои дигари ҷамъиятӣ гашта, шиддат ва таъсири ҳар навъ омилҳои дигарро беасар мегардонад.

3. Аз ҷониби дигар, ба хотир ҷойгиршавии географию мавқеи стратегӣ Тоҷикистон пайваста тавваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрати судҷӯй ва манфиатталабро аз манотиқи мухталифи дунё ба худ ҷалб менамояд. Ҳамин тавр, Тоҷикистон ҳоло дуру дароз ба сифати майдони бархӯрди манфиатҳои қудратҳои мухталифи манфиатҷӯй, ки барои дастёбӣ манфиатҳои худ аз ҳеҷ шакли муқовимату моҷаро даст нахоҳанд кашид, боқӣ хоҳад монд. Аз ин лиҳоз, зарурат тақозо менамояд, ки таваҷҷуҳ барои таҳкими амнияти миллӣ, сатҳи омодагии неруҳои низомӣ, мақомотҳои қудратӣ ва ақлию зеҳнӣ боз ҳам боло бурда шавад.

4. Тамоюли раванди омили исломӣ дар Тоҷикистон аз ҳар минтақа ва кишварҳои дигар тафовут дорад. Сохторҳои ҳукуматӣ дар бораи мақом ва нақши омили исломӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ тасаввуроти дурусту воқеӣ доранд. Вале раванду падидаҳои ҳаёти сиёсӣ ва ҷаҳони муосир дар ҳолати зудтағйирёбандагӣ қарор дошта, мумкин аст, ки моҳияти аслии баъзе падидаҳои мураккаби имрӯза дуруст дарк нагарданд. Яъне набудани доираи васеъи мутахассисони кордону варзида дар соҳаи мазкур то андозае ба назар мерасад. Тоҷикистонро зарур аст стратегияи наву муккамали муносибат бо дини исломро коркард ва таҳия намояд. Махсусан, диққатро ба он равона кардан лозим аст, ки зарурати объективӣ тақозо дорад сатҳи маориф ва дараҷаи донишомӯзии мактабҳои диниро бояд боло бурд. То хатмкардаҳои онҳо ҳамчун мутахассисони варзида ҷавобгӯи талаботҳои замони муосир бошанд. Моҳияти ҳар навъ зуҳуроту падидаҳои ҷаҳони навинро комилан дарк намоянд ва аз лиҳози худшиносию ҳимояи манфиатҳои миллӣ мавзеъгирии дурусту саривақтӣ дошта бошанд.

5. Тоҷикистон тавонистааст тарҳи хосаи муносибат ба фазои динию эътиқодотиро дар кишвар ба вуҷуд орад ва бо чунин хусусиятҳои хеш аз дигар кишварҳои минтақа тафовут пайдо менамояд. Бо вуҷуд ин, омили исломӣ, ки моҳиятан аз худи дини ислом, махсусан, мазҳаби ҳанафӣ бармеояд, дар фазои расмии эътиқодию динӣ ҳамчун омили субот, хайрият ва муттаҳидии мардуми кишвар ба шумор меравад. Аз сиёсатмадорон ва доираи васеи мутахассисони соҳа вобастагии амиқ дорад, ки то куҷо ин омили қудратмандро дар доираи манфиатҳои ҷомеаю давлат ба таври самаранок, оқилона ва ҳадафмандона истифода хоҳанд намуд.

Ҳамин тавр, аз раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсия метавон ба чунин натиҷа расид, ки омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони навин ҳамчун масъалаи рӯзмарра, мураккаб, гуногунҷабҳа ва муосир боқӣ хоҳад монд. Муаллиф ин масъаларо таҳқиқу таҳлил намуда, дарк менамояд, ки он боз ҳам таҳқиқи амиқтару возеҳ ва муносибати объективиро тақозо менамояд. Мавзуи таҳқиқотӣ, ҳанӯз ҳам ҳамчун мавзуи баҳснок диққати мутахассисону муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд.

## ИНТИШОРИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1–М]. Турдиназаров, А.С. Таносуби ислом ва арзишҳои либералии ғарбӣ [Матн] / А.С. Турдиназаров // Таджикиский национальный университет – Центр подготовки квалифыцированных специалистов. – Душанбе, 2013. – С. 198–202.

[2–М]. Турдиназаров, А.С. Омили исломӣ: моҳият ва хосиятҳои асосии он [Матн] / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №2/1. (193). – Душанбе, 2016. – С. 275–281. ISSN 2413–5151

[3–М]. Турдиназаров, А.С. Исломи сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ: таносуб айният ва тафовутҳо [Матн] / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №2/3 (201). – Душанбе, 2016. – С. 292–297. ISSN 2413–5151

[4–М]. Турдиназаров, А.С. Религиозная ситуация в современном Таджикистане [Текст] / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №2/6. – Душанбе, 2017. – С. 309–313. ISSN 2413–5151

[5–М]. Турдиназаров, А.С. Доктринаи иҷтимоию сиёсии ислом ва хосиятҳои асосии он [Матн] / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – №10. Қисми II. – Душанбе, 2019. – С.321–325. ISSN 2413–5151

[6–М]. Зокиров, Г.Н., Турдиназаров, А.С. Асосҳои методологии таҳқиқи омили исломӣ дар раванди сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров, А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – №7. – Душанбе, 2021. – С. 263–269. ISSN 2413–5151

### II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо:

[7–М]. Турдиназаров, А.С. Рушди таълимоти исломи сиёсӣ дар замони муосир [Матн] / А.С. Турдиназаров // Маводҳои конф. ҷум. «Маърифати иҷтимоӣ: масъалаҳо, анъанаҳо, дурнамо» (30 ноябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 185–193.

[8–М]. Турдиназаров, А.С. Баррасии масъалаҳои мухталиф оид ба мафҳуми «исломи сиёсӣ» [Матн] / А.С. Турдиназаров // Маводҳои конф. ҷумҳ. «Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷкистон ва масъалаҳои

муҳимтарини инкишофи сиёсии кишвар» (25 октияри соли 2012). – Душанбе, 2012. – С. 80–84.

[9–М]. Турдиназаров, А.С. Ислом: асилтарин қурбонии терроризм [Матн] / А.С. Турдиназаров// Терроризм: моҳият, хосиятҳо ва раванди ташаккулу инкишоф. – Душанбе, 2016. – С. 90–96.

[10–М]. Турдиназаров, А.С. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои эътиқодию динӣ [Матн] / А.С. Турдиназаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир» (25–26–уми январи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 135–145.

[11–М]. Турдиназаров, А.С. Масъалаҳои методологии таҳқиқи омили исломӣ дар замони муосир [Матн] / А.С. Турдиназаров// «Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон» (12–уми майи соли 2021). –Душанбе, 2021. – С. 274–284. ISBN 978–99985–58–75–5

[12–М]. Турдиназаров, А.С. Омили исломӣ ва хусусиятҳои асосии он дар раванди сиёсии Тоҷикистон [Матн] / А.С. Турдиназаров // Маҷ. маводи конференсияи илмӣ–назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30–солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20–солагии факултети фалсафаи ДМТ. – Душанбе, 2021.– С. 329–334. ISBN 978–99975–338–3–8

# АННОТАТСИЯ

ба автореферати диссертатсияи Турдиназаров Абдулмумин Саидович дар мавзуи «Омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

**Калидвожаҳо:** омили исломӣ, исломи сиёсӣ, исломгароӣ, исломизм, ташкилотҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои динӣ, раванди сиёсӣ, мушкилиҳо ва мухолифатҳои раванди сиёсӣ, бунёдгароӣ ва таҳдидҳо ба суботи сиёсии ҷомеа.

Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои асосии омили исломӣ, исломи сиёсӣ ва махсусиятҳои зуҳури он дар раванди сиёсӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Диссертант дар навбати аввал ба метододологияи мухталифи илмӣ такя намуда, дар заминаи омӯзиш, муқоиса, таҳлил ва хулосагирии адабиёти илмӣ моҳият ва заминаҳои асосии зуҳури омили исломиро ба таври мушаххас, нишон додааст. Ҳамчунин, муаллиф қайд менамояд, ки зарурати омӯзиши моҳияти раванди эҳёи динӣ имконият медиҳад, ки падидаи «омили исломӣ» ҳарчи беҳтару возеҳтар ва дарк карда шавад. Ҷанбаҳои мусбату манфии он мушаххас гардонида шаванд ва барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ба таври самаранок истифода гарданд.

Сабабҳои пайдоиш, омилҳои бавуҷудоварандаи ҷараён, созмон ва ҳаракатҳои исломгароӣ баррасӣ гардидааст. Бо назардошти чунин ҳолатҳо хусусиятҳои зуҳури омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дигар самти муҳим ва асосии таҳқиқотро омӯзиши мақом ва нақши ташкилотҳои сиёсии динию мазҳабӣ ва мақоми онҳо дар раванди сиёсии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар ин замина принсипҳои асосии сиёсати конфессионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои мутақобилаи байниҳамдигарии ташкилотҳои сиёсию динӣ таҳлилу таҳқиқ гардида, таъсири онҳо ба равандҳои иҷтимоию сиёсии кишвар баррасӣ шудаанд.

Таҷрибаи таърихии начандон дури Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сарзадани ҳар навъи моҷаро дар ҷомеа гурезнопазир аст, махсусан бо истифода аз омили исломӣ, пас зарурат тақозо менамояд, ки дониш ва маҳорати саривақт ҳал намудаи ҳар навъи мушкилотро бояд пайдо намуд. Дар ҳолати моҷарогароии ҷомеа ҳамаи аъзоёни он: новобаста аз эътиқодоти динию мазҳабӣ, миллию нажодӣ ва дигар вазъи шаҳрвандӣ осеб мебинанд. Аз ин лиҳоз, барои тақвият ва таҳкими таҳамулпазирӣ, рӯҳияи ватандӯстӣ ва Ваҳдати миллӣ тамоми имконотро ба таври муттасил бояд сафарбар намуд.

# АННОТАЦИЯ

на автореферат диссертацию Турдиназарова Абдулмумина Саидовича на тему: «Исламский фактор в политическом процессе Таджикистана» на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии

**Ключевые слова:** исламский фактор, политический ислам, исламизм, политические организации и религиозные объединения, политический процесс, трудности и противоречия политического процесса, фундаментализм и угрозы политической стабильности общества.

В данном исследовании всесторонне проанализированы основные проблемы исламского фактора, политического ислама и особенности его проявления в политическом процессе. Прежде всего, на основе изучения, анализа и обобщения научной литературы в диссертации наглядно показана сущность и основные предпосылки возникновения исламского фактора. Автор также отмечает, что изучение сущности процесса религиозного возрождения позволяет лучше понять феномен «исламского фактора». Определение его положительных и негативных сторон может эффективно использоваться для дальнейшего развития Республики Таджикистан.

Обсуждаются причины возникновения, факторы, повлиявшие на процесс, возникновение исламских организаций и движений. С учетом этих обстоятельств изучаются также особенности исламского фактора в политическом процессе современного Таджикистана. Также, ключевым направлением исследования является исследование роли религиозных политических организаций в политическом процессе Таджикистана. Исходя из этого, анализируются основные принципы конфессиональной политики Республики Таджикистан и взаимоотношений между политическими и религиозными организациями, рассматривается их влияние на общественно–политические процессы в стране.

Недавний исторический опыт Таджикистана показывает, что возникновение любого конфликта в обществе неизбежно, и особенно если он связан с использованием исламского фактора, поэтому необходимо приобрести навыки для своевременного предотвращения таких проблем. В конфликте все его субъекты, независимо от их религиозных, национальных, расовых или иных убеждений, становятся носителями разнообразных интересов, что влечет за собой желание защищать свои духовные потребности и интересы. Поэтому необходимо приложить все усилия для укрепления толерантности, духа патриотизма и национального единства.

## ANNOTATION

for the abstract of the dissertation of Turdinazarov Abdulmumin Saidovich on the topic: “The Islamic factor in the political process of Tajikistan” for the degree of candidate of political sciences in the specialty 23.00.02 – Political institutions, processes and technologies

**Key words:** Islamic factor, political Islam, Islamism, political organizations and religious associations, political process, difficulties and contradictions of the political process, fundamentalism and threats to the political stability of society.

This study comprehensively analyzes the main problems of the Islamic factor, political Islam and the features of its manifestation in the political process. First of all, based on the study, analysis and generalization of scientific literature, the dissertation clearly shows the essence and main prerequisites for the emergence of the Islamic factor. The author also notes that the study of the essence of the process of religious revival allows a better understanding of the phenomenon of the "Islamic factor". The definition of its positive and useful aspects can be effectively used for the further development of the Republic of Tajikistan.

The reasons for the emergence, factors that influenced the process, the emergence of Islamic organizations and movements are discussed. Taking into account these circumstances, the features of the Islamic factor in the political process of modern Tajikistan are also studied. Also, a key area of research is the study of the role of religious political organizations in the political process of Tajikistan. Based on this, the main principles of the confessional policy of the Republic of Tajikistan and the relationship between political and religious organizations are analyzed, and their influence on the socio–political processes in the country is considered.

The recent historical experience of Tajikistan shows that the emergence of any conflict in society is inevitable, and especially it is associated with the use of the Islamic factor, so it is necessary to acquire skills to prevent such problems in a timely manner. In a conflict, all its subjects, regardless of their religious, national, racial or other beliefs, become carriers of various interests, which entails the desire to protect their spiritual needs and interests. Therefore, it is necessary to make every effort to strengthen tolerance, the spirit of patriotism and national unity.

ТАДЖИКИСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

***На правах рукописи***

**УДК:322(575.3)**
**ББК: 86.38(2Т)**
**Т–87**

**ТУРДИНАЗАРОВ АБДУЛМУМИН САИДОВИЧ**

# ИСЛАМСКИЙ ФАКТОР В ПОЛИТИЧЕСКОМ ПРОЦЕССЕ СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание ученой степени
кандидата политических наук по специальности 23.00.02
– Политические институты, процессы и технологии

**Душанбе – 2022**

Диссертация подготовлена на кафедре политологии Таджикского национального университета

**Научный руководитель:** **Зокиров Гулмахмад Нозимович** – доктор политических наук, профессор кафедры политологии Таджикского национального университета

**Официальные рецензенты:** **Искандаров Косимшо** – доктор исторических наук, главный ученый секретарь Национальной академии наук Таджикистана;

**Ахиева Саодат Умарбековна** – кандидат политических наук, доцент кафедры политических наук Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни

**Ведущая организация:** Таджикский государственный университет коммерции

Защита состоится «10» июня 2022 года в «14:00» часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА–001 при Таджикском национальном университете по адресу (734025, г. Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус 15.

С текстом диссертации можно ознакомиться в Национальной библиотеке Таджикистана, научной библиотеке Таджикского национального университета и на официальном сайте ТНУ(www.tnu.tj).

Автореферат разослан «___» ______________ 2022 года.

Ученый секретарь
диссертационного совета,
доктор философских
наук З.И. Акрами

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В настоящее время Таджикистан переживает один из самых сложных периодов развития. Перемены 90–х годов XX века кардинально изменили различные сферы общественной и государственной жизни. Одним из таких явлений, проявившихся в общественной жизни страны, стал процесс религиозного возрождения. По сути, этот процесс отражал в своей основе ряд конкретных показателей и элементов, что стало причиной изменения духовной жизни людей. В частности, за короткий промежуток времени быстрый рост количества верующих на основе поддержания различных ценностей, возникновение религиозных объединений, партий, религиозных движений и групп стали примером религиозного возрождения.

